# ШИРИН ВА ХУСРАВ

АКАДЕМИЯИ ФАНҲОИ РСС ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ШАРҚШИНОСӢ

*АБДУЛЛОҲИ ҲОТИФӢ*

# ШИРИН ВА ХУСРАВ

Мураттиб ва муаллифи сарсухан
ҶОБУЛҚО ДОДАЛИШОЕВ

Муҳаррири масъул:
АЪЛОХОН АФСАҲЗОД

Нашриёти «Дониш»,
Душанбе
1981

Государственная
респуб. библ. Тад.ССР
им. А. Фирдоуси
168058
Тоҷикӣ + Ифорс

Мураттиб: Ҷобулқо Додалишоев. **«Ширин ва Хусрав»-и Ҳотифӣ.** Душанбе: Дониш, 1981, 116 саҳ.

Маснавии «Ширин ва Хусрав»-и Ҳотифӣ достони дуюми «Хамса» буда, шоир онро дар пайравии «Хусрав ва Ширин»-и Низомии Ганҷавӣ навиштааст. Матне, ки ҳозир дар даст доред аз рӯи чанд нусхаи хатии мавҷудаи ин достон таҳия карда шудааст. Мазмуни матн порчаҳои беҳтарини ин достонро дар бар мегирад.

Кумсангирский
Ц. Б. С.
84.Тоҷ
Х-85
ФИЛ.
5411
915

ИБ 348

$Х\frac{460301201-025}{М502-81}$ 105—81

© Издательство «Дониш», 1981 г.

## САРСУХАН

Абдуллоҳи Ҳотифӣ аз шоирони «Хамса»-сарои охири асри XV ва аввали асри XVI буда, тақрибан соли 858/1453 дар ноҳияи Харҷарди вилояти Ҷом таваллуд ёфта аз овони ҷавонӣ ба фаро гирифтани илмҳои замонааш кӯшиш менамояд. Ӯ бо сарпарастии тағои худ Абдурраҳмони Ҷомӣ илмҳои мухталифи давраашро аз худ намуда, аз хурдсолӣ ба шеъру шоирӣ мароқ зоҳир мекунад.

Ҳотифӣ тамоми ҳаёти худро дар зодгоҳаш гузаронида ба он сармояе, ки аз падараш мерос монда буд, зиндагӣ ба сар мебурдааст.

Шоир соли 927/1520 вафот мекунад. Мадфанаш дар Харҷард мебошад.

Аз мероси адабии шоир «Хамса»-и нотамом, ки аз достонҳои: «Лайлӣ ва Маҷнун», «Ширин ва Хусрав», «Ҳафт манзар», «Темурнома», «Шарафнома» иборат мебошад, то замони мо омада расидаанд. Инчунин, девони пурраи Ҳотифӣ низ дар китобхонаҳои Қоҳира ва Лондон[1] то имрӯз нигаҳдорӣ мешавад.

---

[1] Стори Ч. А. Персидская литература. Глав. ред. восточной лит-ры. М., ч. 2, 1972, с. 88.

Дар байни достонҳои «Хамса»-и ӯ маснавии «Ширин ва Хусрав», ки асари дуюми «Хамса»-и шоир буда, дар ҷавоби «Хусрав ва Ширин»-и Низомии Ганҷавӣ навишта шудааст, аз ҷиҳати бадеият ва ҳалли мавзӯъ ҷои намоёнро ишғол менамояд.

Шоир дар оғози достон менависад, ки мавлоно Ҷомӣ пас аз хонда баромадани достони «Лайлӣ ва Маҷнун» ба ӯ таҳсину офарин гуфта, ӯро ба навиштани маснавии «Ширин ва Хусрав» ташвиқ мекунад:

...Зи баҳри ишқбозони ҷигархун
Навиштам қиссаи «Лайливу Маҷнун».
Чу шуд пардохта он нақши зебо,
Ҳазорон таъна зад бар нақши дебо.
Ман он абьётро бурдам тамомӣ
Ба назди ҳазрати махдуми Ҷомӣ.
Чу дид он хусрави мулки маонӣ
Саводе дар вай оби зиндагонӣ.
Нахустин гуфт: «Аҳсант, эй ҷавонмард,
Забон бикшоду бар ман офарин кард,
Ки ойини суханро тоза кардӣ,
Дар ин маънӣ баландовоза кардӣ.
Чу гуфтӣ қиссаи «Лайливу Маҷнун»,
Ҳадиси ишқи эшон нав шуд акнун.
Бигӯ афсонаи «Ширину Хусрав»,
Ки гардад он маҳи фархунда ҳам нав...»[2]

Баъди «Лайлӣ ва Маҷнун» гуфта шудани «Ширин ва Хусрав»-ро Ҳотифӣ дар хотимаи «Темурнома»-и худ ҳам хабар медиҳад:

Гирифтам зи «Лайливу Маҷнун» нахуст,
В-аз он сурати даъвиям шуд дуруст.

---

[2] Абдуллоҳи Ҳотифӣ. Ширин ва Хусрав. Дастнависи бидуни рақами Ганҷинаи дастхатҳои назди Совети Вазирони РСС Арманистон (фотонусха) вар. 12 б.

Шуд он нақши фаррух чу гетиписанд,
Зи «Ширину Хусрав» шудам нақшбанд.[3]

Соли таълиф ва адади байти достон аз тарафи муаллиф ва маъхазҳои дигар зикр намешавад. Дар Феҳристи дастнависҳои шарқии АФ Тоҷикистон[4] соли таълифи асарро 898 — 1492 тахмин кардаанд. Аммо гуфтаи худи шоирро, ки дар оғози достони «Ҳафт манзар» дар хусуси дар қайди ҳаёт будани Абдурраҳмони Ҷомӣ хабар медиҳад, ба инобат гирем, онгоҳ санаи тахминкардаи муаллифони феҳристи мазкур он қадар ба ҳақиқат наздик намеояд:

Эй маҳи осмони олами дин,
Эй шаҳи тоҷбахши мулки яқин,
Раҳбари раҳравони роҳи наҷот,
Мо ҷигарташнагон ту оби ҳаёт,
Шаръро райи равшан аст ҳомӣ,
Офтоби сипеҳри дин Ҷомӣ.
Хозини ганҷхонаи тавҳид
Қуфли онро забони туст калид.[5]

Дуюм ин ки соли китобати «Лайли ва Маҷнун» 1487 милодӣ буда, Ҳотифӣ набояд достони «Ширин ва Хусрав»-ро, ки аз 2004 байт иборат мебошад, дар тӯли 5 сол навишта бошад.

Аз ин ҷост, ки таълифи асар бояд пеш аз соли 1492 ба амал омада бошад.

---

[3] Абдуллоҳи Ҳотифӣ. Темурнома. Чопи Невалкушур, Ҳинд, 1896.

[4] Каталог восточных рукописей АН Тадж. ССР, Душанбе, «Дониш», 1968, т. 3, с. 35.

[5] Абдуллоҳи Ҳотифӣ. Ҳафт манзар. Дастнависи рақами 888, Ганҷинаи дастхатҳои шарқии АФ Тоҷикистон, вар. 65 а.

Миқдори байтҳои достон низ дар ҳеҷ маъхаз ва матни худи маснавӣ нишон дода нашудааст.

Фақат ҳаминро қайд кардан мумкин аст, ки нусхаҳои хаттии дастраси ин достон аксаран аз 1900 то 2004 байтро фаро мегиранд. Бояд хотирнишон кард, ки нусхаҳои хатии достони «Ширин ва Хусрав»-и Ҳотифӣ дар китобхонаҳои ҷаҳонӣ хеле кам буда, ҳангоми мутолиаи феҳристҳои китобхонаҳои Иттифоқи Советӣ[6] ва хориҷӣ[7] ҳамагӣ 6 нусхаи он ба мо маълум гардид. Аз байни ин нусхаҳои хаттӣ ду нусхаи он, ки яке дар музеи Британияи Кабир ва дигаре дар Институти дастнависҳои назди Совети Вазирони РСС Арманистон (Матендаран) нигаҳдорӣ мешавад, ки пеш аз вафоти шоир китобат шудаанд.

Гарчанде нусхаи Матендаран нисбатан ба дастнависҳои дигари китобхонаҳои Иттифоқӣ Советӣ аз ҷиҳати таърих (1514 м) қадим ва аз лиҳози матн аксар бартарӣ дошта бошад ҳам, он аз хатоиҳои ҷиддӣ низ холӣ намебошад. Аз ин рӯ он манбаи боэътимоди илмӣ шуда наметавонад ва матни достонро пурра аз рӯи он ба нашр ҳозир кардан мумкин нест. Бинобар ин, мо аз рӯи нусхаҳои дар СССР мавҷудбудаи «Ширин ва Хусрав»-и Ҳотифӣ матни интиқодии онро омода кардем, ки баъдан чоп хоҳад шуд. Аз рӯи он матни интиқодӣ ҳамин

---

[6] Абдуллохи Ҳотифӣ. Ширин ва Хусрав. Дастнависи бидуни рақам Ганҷинаи дастхатҳои назди Совети Вазирони Арманистон (фотонусха). Каталог Собрание восточных рукописей АН Узб. ССР, Ташкент, 1954, ч. 2. с. 240. Каталог восточных рукописей АН Тадж. ССР, Душанбе, «Дониш», 1968, ч. 3, с. 42-43.

[7] Rieu. Suppl. for the cat. of the Pers. MSS in the British Museum London, 1895, p. 195.

матни илмӣ-оммавӣ, ки ҳоло дар даст дорем, ҳозир карда шуд. Аммо матни асосии достон бидуни ихтисорот ба шакли пурра оварда шавад ҳам, аз бобҳои анъанавии он 87 байтро, ки ба асли достон алоқае надошт ва барои хонандагони имрӯза аҳамияте ҳам надорад, партофта шуд.

Барои осонтар намудани мутолиа ва истифодаи хонандагон дар охири китоб луғот ва тавзеҳоти баъзе калимаҳои душворфаҳмро ҷой додем.

ҶОБУЛҚО ДОДАЛИШОЕВ

---

## ДАР САБАБИ НАЗМИ КИТОБ

...Суханро рӯҳ дар қолаб дамидам,
Сиҳисарвони мавзун офаридам.
Зи баҳри ишқбозони ҷигархун
Навиштам қиссаи «Лайливу Маҷнун».
Чу шуд пардохта ин нақши зебо,
Ҳазорон таъна зад бар нақши дебо.
Ман он абьётро бурдам тамомӣ
Ба назди ҳазрати махдуми Ҷомӣ.
Чу дид он хусрави мулки маонӣ,
Саводе дар вай оби зиндагонӣ.
Ба таҳсин гуфт: «Аҳсант, эй ҷавонмард,
Забон бикшоду бар ман офарин кард,
Ки оини суханро тоза кардӣ,
Дар ин маънӣ баландовоза кардӣ.
Чу гуфтӣ қиссаи «Лайлию Маҷнун»,
Ҳадиси ишқи эшон нав шуд акнун.
Бигӯ афсонаи «Ширину Хусрав»,
Ки гардад он маҳи фархунда ҳам нав».
Ман аз нафси даниву ҳиммати дун
Шикоят ку намекардам зи гардун.
Ҳавасҳои ҷавонӣ раҳзанам буд,
Ғаразҳои аҷаб пиромапам буд.
Ба ман гуфт он сухандони хирадманд

Бигӯям бо ту бишнав нуктае чанд: —
Дар ин даврон агар ҷӯи каримӣ,
Ба ҷон шав остонбӯси салиме,
Ки номаш бурдан аз шарти адаб нест,
Мамарри номи ӯ ҳар коми лаб нест.
Зи фазлаш бенавоёнро навое,
В-аз ӯ дар кишваре ҳоҷатравое.
Бувад дар мулки маънӣ хусрав имрӯз,
Суханро зад навое аз нав имрӯз.
Туро дар нақд агар бошад иёре,
Аён кун пеши он меъёр боре.
Қабули ӯ беҳ аст аз ҳар чӣ хоҳӣ,
Гадои ӯ чу бошӣ, подшоҳӣ.
Набояд ҷуз бад-он даргоҳ ҷо кард,
Ба ғайри ӯ нашояд илтиҷо кард.
Туро ин бас, ки дар даврони ӯӣ,
Дигар аз гардиши даврон чӣ ҷӯӣ?
Маро дил гуфт, к-эй чун хоки раҳ паст,
Зи атфи домонаш кӯтаҳ макун даст.
Агарчи бурдани номаш адаб нест,
Вале тарки адаб гуфтан, аҷаб нест.
Паи мадҳаш зи найшаккар қалам кун,
Ба мушки ноб номашро рақам кун.
Бувад, к-аз юмни он номи кироми
Шавад ин номаи беқадр номӣ.
Чу Монӣ дар қалам, Рустам ба шамшер,
Низоми давлату миллат — Алишер.
Ғалат кардам, чӣ Мониву чӣ Рустам
Ба назди килку шамшераш кам аз кам.
Бувад меҳри сипеҳри некхоҳӣ,
Шуда ҳамсояи зилли худоӣ.
Ҷаҳонро офтоб аз сояи ӯ,
Бурун аст аз ҳаду ад пояи ӯ.
Шариатро зи юмнаш сарбаландӣ,

В-аз ӯ дар арҷмандон, арҷмандӣ.
Намуда хотами ҷамшедияш паст,
Зада дар хотами пайғамбарон даст.
Бувад адлаш сабаб амну амонро,
Зи додаш расми ободӣ ҷаҳонро.
Зи адлаш кори гунҷишк он чунон аст,
Ки шохи тирмораш ошьён аст.
Зи пистони бара ҳар гургпире
Ниҳода дар даҳан дандони шире.
Бидидӣ Ҳотами Тай гар вуҷудаш,
Шудӣ шарманда бисьёрӣ зи ҷудаш.
Бувад назмаш низоми олами ишқ,
Чу ӯ ку маҳраме баҳри дами ишқ?!
Чу бикшояд фасоҳатпеша лабро,
Шавад лаб баста Ҳассони арабро.
Балоғатшевагони порсигӯй
Зи килки мӯъҷазосораш сухангӯй.
Зи туркиҳош, к-он сӯзи ҷаҳон аст,
Ғизолони Хутанро ҳирзи ҷон аст.
Чу ақли аввал аз нуқсон бувад пок,
Бувад қосир зи кунҳи васфаш идрок.
Маро на дархури васфаш забоне,
Маро не лоиқи мадҳаш баёне.
Ба таъриф эҳтиёҷе нест ӯро,
Чӣ ҳоҷат мошата рӯи накӯро?
Барӣ аз сайқал аст ойинаи хур,
Ҳилоли сайқалеро нест дархур.
Дигар гуфто, ки дор ин нуктаро пос,
Ки ҳастанд аҳли дуньёи ҷамъи каннос.
Зи канносон тамаъ кардан чӣ дунист,
Зи мӯрон дона ҷустан бас забунист.
Ба гуфтугӯи дунон лаб маёлой,
Ба мадҳи дунашон хома мафарсой.
Набошад аз тариқи арҷмандӣ

Бар афсори харе таъвиз бандӣ.
На аз ақл аст бо кар нукта гуфтан,
Зи баҳри гӯши хар дурдона суфтан.
Намебандад касе бар гардани мор
Паи дафъи газанди халқ тӯмор.
Ҷуал, к-аз фазлаи ҳайвон шавад шод,
Чӣ лоиқ бошадаш норинҷи Бағдод?
Шиканба гарчи гардад мояи тан,
Вале натвон-ш з-оби Хизр шустан.
Зи баҳри нафси ноҳинҷори бадрой,
Макун дар маҳфили ҳар беадаб ҷой.
Надонад кӯр қадри рӯи зебо,
Нагардад аз рухи зебо, шикебо.
Даруни мавҷи дарьё баҳри чора
Насозад ҷаъзаро кас тахтапора.
Зи тори анкабӯтон, ҷуз магасро,
Нагардад пӯшиши тан ҳеҷ касро.
Хато бошад зи баҳри иститоат
Ба оби новадон кардан зироат.
Чу натвонад касе аз қудрати хеш,
Қунад як ҷав зи ризқи ту каму беш.
Чаро дунболи кас бояд давидан,
Зи баҳри ҳеҷ аз ӯ миннат кашидан?
Макун чун арра дандони тамаъ тез,
Ки афтӣ дар кашокашҳои хунрез.
Чу миқроз аз тамаъ кам кун даҳан боз,
Ки ангуштат расад дар дидаи оз.
Аз он чун чашми айнак қадр дида,
Ки аз рӯи касон барбаста дида.
Ба домони қаноат по дарун ор,
Сар аз ҷайби қаноат хуш бурун ор.
Зи аҳли фақр мехоҳ арҷмандӣ,
Ба тоҷи фақр мекун сарбаландӣ.
Нагардӣ гирди хони подшоҳон,

Ки гирд аст он зи хуни бегуноҳон.
На он моҳичаи дастори хон аст,
Ки чину меъҷари бевазанон аст.
Дар он ҳар як нахӯд ашки ятиме,
Ки аз чашмаш чаконида лаиме.
Машав бо косаи чиниш моил,
Ки аз чини ҷабин гардида ҳосил.
Басе хуни дили бечора полуд,
Ки шуд полудааш ангиштолуд.
Туро зери нигин ганҷи маонӣ,
Чӣ менолӣ зи ранҷи зиндагонӣ?
Забони хомаро кун дар сухан тез,
Гуҳаррез аз сари килкат гуҳар рез.
Гуҳарҳо, к-оядат дар дурҷҳо дарҷ,
Паи бадгавҳарон осон макун харҷ.
Сухан нодир-матое омад аз арш,
Макун дар зери пои ин хасон фарш.
В-аз он пас ман ба адни он гуҳарсанҷ
Ба ёди Ганҷа бикшодам дари ганҷ.
Қашидам турфа тарҳе хусравона,
Ки ҳаст аз ҳусни ширинӣ фасона.
Мураввах манзиле, к-онро бадал нест,
Зи тағьироти давронаш халал нест.
Бинояш баҳри айшу шодмонист,
Мақоми моҳрӯёни маонист.
Дар иқлими сухан олибиноят,
В-аз он ҳар қисса гӯӣ, дилкушоят.
Бувад ҳар сафҳаи он қисса кохе,
Ки ҳаст аз нахли боғаш сидрашохе.
В-аз он ҳар сафҳа, ҳар байте биҳиште,
Музайян равзаи анбарсиришгте.
Бувад ҳар байтро нозук хаёле,
Ки бошад равзаро соҳибҷамоле.
Даруни равзаҳо бикрони маъно

Чу ҳуронанд дар фирдавси аъло.
Нишаста он парирӯёни танноз
Ба сад ҳашмат фарози маснади ноз.
Зи мушки ноб карда тавқи халхол,
Зада аз анбари тар бар ҷабин хол.
Ба ғамза ҳар як ошӯби ҷаҳоне,
Ба фанни дилбарӣ соҳибқироне.
Муназзаҳ чеҳрашон аз чашми ағьёр,
Надида ҳеҷ касшон моҳи рухсор.
Гирифт овозашон мулки ҷаҳонро,
Вале нашнид кас овозашонро.
Худовандо, чу ин бикрони фикрӣ
Заданд аз соддарӯӣ лофи бикрӣ.
Зи рӯи зардрӯешон нигаҳ дор,
Мадеҳ шармандагӣ дар пеши ағьёр.
Даруни кохи иззат ҷояшон деҳ,
Зи ғайри хеш истиғнояшон деҳ.

## ОҒОЗИ ДОСТОН. ШАРҲИ ҲУРМУЗ ВА ТАВАЛЛУДИ ХУСРАВИ ПАРВЕЗ

Чунин фармуд донои сухансанҷ,
Ки месанҷид нақди ин кӯҳанганҷ,
Ки чун Ҳурмуз шаҳи аврангҷам шуд,
Шаҳаншоҳи салотини Аҷам шуд.
Тариқи ҷадду обо пеш мебурд,
Ғами дарвеш аз эшон беш мехӯрд.
Чу шамшери адолатро алам кард,
Басе дасти қаламзанро қалам кард.
Сипоҳӣ аз сиёсат дар замонаш
Накардӣ зӯр, илло бар камонаш.
Қасе чун зулфи хубони суманбӯ
Парешонӣ надида як сари мӯ.
Ба давраш зулмкешони бадандеш

Накардӣ зулм, илло бар тани хеш.
Надидӣ дарди сар кас дар замона,
Ба ғайр аз бодаи лаъли шабона.
Зи дасти кас наполидӣ, магар най,
Набудӣ талхком аз даҳр ҷуз май.
Зани бева зи молу ҳашмати пур
Ба мурғи хеш додӣ донаи дур.
Ба дасти косиби бемолу асбоб
Ба ҷои обила ҷоми маи ноб.
Зи истиғно харидорони бозор
Набудӣ ғайри ёронро харидор.
Намепошид деҳқон дона дар гил,
Ки корад тухми меҳри ёр дар дил.
Ба даври ӯ чунон гаштанд мардум,
Ки номи «эҳтиёҷ» аз даҳр шуд гум.
Шаҳаншоҳе чунин бемислу монанд,
Сипеҳраш сохта муҳтоҷи фарзанд.
Дарахте, к-ӯ наёрад ҳеҷ боре,
Надорад пеши мардум эътиборе.
Дар ин гунбадсарои ҳуққамонанд
Набошад ҳеҷ нақде беҳ зи фарзанд.
Ғараз ин будаш аз фарзанд пайваст,
Ки номи ӯ нагардад дар ҷаҳон паст.
Шабе, к-аз дида хуршедаш шавад дур,
Бувад бадре, ки гетиро диҳад нур.
Шабе, з-андешаи фарзанд бетоб
Чу хоб омад ба чашмаш, дид дар хоб,
Ки хуршед аз гиребонаш баромад,
Шуои он ҷаҳонро зевар омад.
Чу шаҳро чашм шуд аз хоби хуш боз,
Муаббирпешагонро кард овоз,
Ки хобе дидаам таъбири ин чист?
Муабир аз паи таъбири ин кист?
Чунин гуфтанд доноёни ин роз,

Ки сӯят мурғи шодӣ кард парвоз.
На хуршед аст он, к-ат сар зад аз ҷайб,
Худоят медиҳад фарзанде аз ғайб,
Ки чун меҳри фалак гардад ҷаҳонгир.
Мар он хоби туро ин аст таъбир.
Баромад чун аз ин таърих якчанд,
Яке зебописар додаш худованд.
Маҳи фаррухфаре соҳибҷамоле,
Ҳумоюнкавкабе, фархундафоле.
Чу зод аз модари айём он моҳ,
Фалак аз меҳр гуфташ зодатуллоҳ,
Мар ӯро Хусрави Парвез шуд ном,
Ки гардад хусрави гетӣ саранҷом.
Чу омад ҷои маҳди зарнигораш,
Гирифт он маҳд аз ҷон дар канораш.
Маҳи нав бар фарози чархи ахзар
Паи гаҳвораш гардид чанбар.
Зи баҳри хоби нӯшинаш ба сад ҷаҳд
Сабо гардид ҷунбонандаи маҳд.
Ба сад дил модари даврон асираш
Зи пистони тараб медод шираш.
Нахӯрдӣ шир аз пистони доя,
Набудӣ гар зи шириниш моя.
Ғизои он бузургандешаи хурд
Агар ширин намебудӣ, намехӯрд.
Ба ширинӣ дилаш мебуд моил,
Ки тухми меҳри Ширин дошт дар дил.
Шукуфа шуд ниҳолашро шукуфта,
Намондаш дар даҳан дандон нуҳуфта.
Нахустин бор, к-аш бинмуд дандон,
Ҷаҳонро субҳи аввал гашт хандон.
Чу бори дигараш дандон баромад,
Зи субҳи охирин хандонтар омад.
Чу пои дидасо гашташ заминсой,

Ниҳод аз маҳди заррин бар замин пой.
Замин ҳар дам тафохур кард бар арш,
Ки зери инчунин по гаштаам фарш.
Пас он гоҳаш ба мактабхона бурданд,
Ба донои сухандонаш супурданд.
Ба андак муддате шуд зӯфунуне,
Зи Афлотуни юнонӣ фузуне.
Гаҳи гуфтан дурри сероб суфтӣ,
Сухан бар тибқи устурлоб гуфтӣ.
Чу бо гурзу синон афтод кораш,
Забун шуд Рустаму Исфандиёраш.
Шабу рӯз аз тараб шаҳзода Парвез
Ба ҷамъе моҳрӯён ишратангез.
Гаҳе ҷавлонкунон дар гӯйбозӣ,
Гаҳе тозон сӯи нахчиртозӣ.
Гаҳ он гул дар чаман бо нағмаи чанг
Шукуфта аз шароби арғунуранг.
Гаҳи бахшиш ҳазорон Ҳотами Тай
Карам омӯхтӣ дар маҷлис аз вай.
Ба ҳусну хулқ дар олам фасона,
Зи илму фазл бемисли замона.
Шароби давлату субҳи ҷавонӣ,
Мақоми айшу вақти комронӣ.
Ғурури ҳусну шӯри бода дар сар,
Нишонда мутрибони содда дар бар.
Нишоту хушдилиро ёд медод,
Ба май буньёди ғам бар бод медод.

## ДАР ТАЪРИФИ ФАСЛИ БАҲОР ВА РАФТАНИ ХУСРАВ БА ШИКОР

Қамандандози ин сайди кӯҳандашт
Дар ин водӣ кунад з-ин гуна гулгашт,
Ки Хусрав бо парирӯёни ҳамзод

Зи айшу шодмонӣ хурраму шод.
Шудаш рӯзе ҳавои сайди нахчир,
Ки бо мушкинғизолон афганад тир.
Ҳавои хурраму фасли баҳорон
Нишонда абр гарди раҳ зи борон.
Нишаста офтоби дай ба зардӣ,
Шуда боғ аз бунафша лоҷвардӣ.
Зи зери лола руста сабзаи тар,
Чунон аз байза тӯтӣ барзанад сар.
Миёни лола аръар ҷо гирифта,
Чу хубон пой дар ҳино гирифта.
Шуда аз эътидоли фасли Наврӯз
Дару девори гетӣ хотирафрӯз.
Ҳарири об гашта пунбаи барф,
Шуда акси гулаш тамғои шангарф.
Яке мекард боли кабк омоҷ,
Яке мебаст бар фитрок дурроҷ.
Хаданге ҳар тараф гардида сарве,
Ҳалокаш монда дар ҷониб тазарве.
Зи овози наи пурдарди новак
Ҳамезад наъраи бехуд чаковак.
Зи бас хун рехт аз парранда бар хок,
Даванда, дар миёни гил ба топок.
Давон ҳар сӯ саги ошуфтаҳоле
Шуда девонаи мушкинғизоле.
Дар он саҳро на кабк аз боз меҷаст,
На боз аз дасти бозандоз мераст.
Зи баҳри сайд он шоҳзода то шаб
Ҷанибат ронд бо хайли шакарлаб.
Шабоҳангом, к-ин гарданда гирдоб
Чу оби зиндагӣ гардид ноёб,
Замона аз сиёҳи шаб дар омоҷ
Рақам зад бар баёзи тахтаи оҷ.
Ҷаҳон торик шуд бар чашми мардум,

Зи торикии шаб гардид раҳ гум.
Қазоро оташе бинмуд аз дур,
Шуд оташ дидаи Парвезро нур.
Намуд он қавмро оташ гулистон,
Сӯи оташ шуданд оташпарастон.
Деҳе буд, андар он деҳ ҷо гирифтанд,
Ба ишрат соғару саҳбо гирифтанд.
Ба бонги арғунуну нолаи чанг
Равон гардид ҷоми арғунуранг.
Чу мутриб захмае бар уд мезад,
Садояш нағма бар Довуд мезад.
Наю ное нагӯям, найшакар буд,,
Зи най шаккар чу ширинкортар буд.
Дар он шаб буд нуқли бодахорон
Ҳама бодомчашму гулъизорон.
Гаҳе себи зақан, гаҳ шаккари лаб,
Газидӣ чун газак пистон дар он шаб.
Ба ишрат он бутон буданд он рӯз
Зи тоби оташи май маҷлисафрӯз.
Чу вақти бомдодон меҳри анвар
Баровард аз гиребони уфуқ сар.
Ҷаҳон шуд бори дигар қоқумипӯш,
Самури шомро бинҳод аз дӯш.
Зи ҳамзодони Хусрав гулъизоре
Равон гардид сӯи мевазоре.
Зи беҳинҷории май он гуландом
Сияҳ кард аз паи себе ду бодом.
Фузуд аз себи ширин ҳирсу озаш,
Базӯр аз нахли деҳқон кард бозаш.
Зи дасти он сиҳисарви паризод
Сӯи Парвез шуд деҳқон ба фарьёд.
Мар-он бедодгарро ҷуст Парвез,
Шуд аз рӯи ғазаб бо он санам тез.
Чу шаҳро талх дид он тозарухсор,

Накард аз бими ҷони хеш иқрор.
Ба деҳқон гуфт шаҳ: «Инро чӣ чора?»
Бибояд ишкамашро кард пора.
Агар зоҳир шавад рози ниҳонӣ,
Шавад он мояи амну амонӣ.
Агар тӯҳмат бувад, бо теғи тезам
Ба ҷурми хуни ӯ хунат бирезам.
Гули коснӣ зи гӯи ғунчаи тар
Нишонда бар гиребон тукмаи зар.
Зи баҳри ишрати гулҳои худком
Чаманро хонаи булбул шуда ҷом.
Шуда зери шукуфа нахли тар гум,
Зи сармо божгун пӯшида қоқум.
Нишони хаймаи ишрат шуда гул,
Муқаррар карда ишратгоҳи булбул.
Шуда қумрии абр афғонгар аз шавқ,
Падид оварда аз қавси қузаҳ тавқ.
Шароби арғувонӣ лола дар сар,
Либоси шодмонӣ ғунча дар бар.
Зи ҳар сӯ ғунчаи раънои лола
Шуда коми ғизолонро навола.
Ҳавои мӯътадил, на гарм на сард,
На душвории гил, на меҳнати гард.
Замин з-он май, ки хӯрд аз ҷоми гулгун
Зи сабза ранги дил медод берун.
Раёҳин тозарӯю сабза навхез,
Сӯи саҳро ҷанибат ронд Парвез.
Парирӯён таковарҳои тозӣ
Ҳамедоданд пешопеш бозӣ.
Нигорин лӯъбатони парниёнпӯш,
Ҳама ошӯби ақлу офати ҳӯш.
Ҳама дар ҷилва гирдогирди Хусрав,
Қавокибвор бар гирди маҳи нав.
Қамонҳои каёнӣ бар сари даст

Аз он сайдафганон сайде намеҷаст.
Чу он гулчеҳраро ишкам даридаnд,
Дарунашро зи себ оганда диданд.
Зи рӯи нуктадониву киёсат
Мар ӯро кард Хусрав чун сиёсат,
Пас он гаҳ рахту пахти марди золим
Ба деҳқон дод дар радди мазолим.
Ситамкорон чу он кирдор диданд,
Зи бедодӣ ҳама доман кашиданд.
Хушо он лутфу он эҳсони пешин,
Ки кардӣ хусравонро мункири дин.
Зиҳӣ инсофу лутфи бутпарастон,
Ки мекарданд бо он зердастон.
Кунун шоҳон, ки мелофанд зи ислом,
Надоранд аз мусулмонӣ ба ҷуз ном.
Кунад даъвии дин кофармизоҷе,
Ситонад беҷиҳат ҳаррӯз боҷе.
Пур аз ашки ятимон ҳавзи боғаш,
Зи сӯзи оҷизон равшан чароғаш.
Зи дӯки бевазан сарришта созад,
Ки бар маснад ба он сарришта нозад.
Кунад дар гарданаш сад хуни ноҳақ,
Ки ҷайби ҷомаи гулгун кунад шақ.
Зи мурғи бевазан парри кулоҳаш
Зи вайронист обод он сипоҳаш.
Паи нақшу нигори хонаи гил
Кунад вайрон ҳазорон каъбаи дил.
Бувад ҳар кунгур аз айвони қасраш
Забони ҳоли мазлуме зи асраш.
Кунад айвон баланд аз моли айтом,
Кашад садде миёни хешу ислом.
Илоҳо шамъи анфосаш барафрӯз,
Чу мулкаш додай, адлаш даромӯз!

## НАСИҲАТ ҚАРДАНИ ҲУРМУЗ ХУСРАВРО ВА ТАРҒИБ НАМУДАН БА АДЛ

Насиҳатгӯи ин тифли хирадманд
Қашад дар ришта з-ин сон гавҳари панд,
Ки чун Ҳурмуз шунид инсофи Хусрав,
Фитодаш дар дил аз вай меҳре аз нав.
Ба сад таъзим пеши хеш хондаш,
**Фарози маснади шоҳӣ нишондаш.**
**Забон бикшод, эй фарзонафарзанд,**
Бигӯям бо ту, бишнав нуктае чанд: —
Чу биншинӣ фарози тахти шоҳӣ,
Фалак хонад туро зилли илоҳӣ.
Раиятро зи адл обод мекун,
Зи бахшиш лашкареро шод мекун.
Макун кам аз раият ёвареро,
Битарсон аз сиёсат лашкареро.
Қаламзанро макун дар зулм густох.
Ки нахли давлататро бишканад шох.
Чу бишкофад қаламро дар паноҳат,
Кунад з-он рахна дар девор ҷоҳат.
Шавад ҳар тори лифа дар давоташ
Таноби гардане баҳри бароташ.
Наи килкаш сияҳсел аст бедод,
Ки мулкатро барандозад зи буньёд.
Чу гирад хома дар даст он ҷаҳонсӯз
Сияҳ созад басе бечораро рӯз.
Раоё гӯсфандони забунанд,
Сафи аъмол гургони фузунанд.
Раиятпеша дар атрофи ҳар бум
Набинад кас ба ҷуз дарвеши мазлум.
Амалдорон сагони ваҳшатандеш,
Мадеҳ сагро мадад дар кини дарвеш.
Макун занҷирро аз пош тақсир,

Саг он беҳтар, ки дорандаш ба занҷир.
Мадеҳ поя баландӣ нокасонро,
Мабар бар торами гардун хасонро.
Замини шӯра набвад лоики кишт,
На аз ақл аст, дар дарьё задан хишт.
Нагирад заҳр тарки ҷонситонӣ,
Агар бошад дар оби зиндагонӣ.
Қасе, к-ӯ аз наҷосат кард норанҷ,
Димоғи ӯ кашад аввал аз он ранҷ.
Машав дар банди зебу ҳусни ҷома,
Манеҳ бар хештан бори амома.
Зи доное маро ин нукта ёд аст,
Ки зебу зинати шаҳ адлу дод аст.
Фаровон беваи оҷиз шавад ур,
Ки пӯшад атласи зарбафт дастур.
Басе сар бишканад дар ҷустани боҷ,
Ки бар сар бишканад се гӯшаи тоҷ.
Маҷӯ ранҷи касону роҳати хеш,
Бувад ҳар нӯшро сад неш дар пеш.
Бувад ин кӯҳнадаҳлези пурофот
Мақоми меҳнату ҷои мукофот.
Диҳад ҳар субҳ шаҳро кӯс овоз,
Ки вақти реҳлат омад, чашм кун боз.
Тариқи адлу эҳсон соз-пеша,
Ки бар даврон зафар ёбӣ ҳамеша.

**ҶОШНӢ СОХТАНИ ШОПУР ШАКАРИ ШИРИНИ ШӮРАНГЕЗРО ВА ЧАШОНИДАН АЗ ОН ҶУЛЛОБИ ШИРАИ ҶОНҲОИ ШИРИН ВА ДАР ШӮР ОВАРДАН ПАРВЕЗРО**

Шабе аз машъали маҳ оламафрӯз,
Фурӯғи кавкабаш хандид бар рӯз.
Шабистони фалакро маҳ шуда шамъ,

Чу парвона кавокиб гирди он ҷамъ
Мушаббакҳои ин сақфи мунаққаш
Зи баҳри нури равзанҳои дилкаш.
Нишаста пеши Хусрав лӯъбате чанд,
Ки бо ҳам доштанд аз меҳр пайванд.
Шабе осуда маҳтоби ҷаҳонтоб,
Нишоти хушдилӣ баста раҳи хоб.
Надиме дошт Хусрав ном Шопур,
Писанди маҷлиси ҳоқону фағфур.
Ҳарифе хурдабину кордоне,
Ҷаҳонгардидае, бисьёрдоне.
Сафарҳо карда марди кордида,
Баду неки ҷаҳон бисьёр дида.
Ба наққошӣ гарав бурда зи Монӣ,
Набуда дар ҳунар Монеш сонӣ.
Дар он маҷлис на аз ағьёр боре,
Суханҳо мегузашт аз ҳар диёре.
Сӯи Шопур ишорат кард Парвез,
Ки дар таърифи хубон фитна ангез.
На хотирро ба ҳар гуфтор майлест,
Сухан дар васфи хубон гуфтан авлист.
Замин бӯсиду хидмат кард Шопур,
Ки бодо аз ҷамолат чашми бад дур!
Аз ин миносарои пурғароиб
Бигӯям он чӣ донам аз аҷоиб: —
Бувад дар фурҷаи дарьёи Дарбанд
Нигориндухтаре бемислу монанд,
Қаде чун шохи гул, лекин хиромон,
Ба боло сарву шамшодаш ғуломон.
Сияҳчашме чу моҳи осмонӣ,
Саҳиқадде чу сарви бӯстонӣ.
Бувад пешонияш субҳи рухаш рӯз,
Хушо, он субҳу рӯзи хотирафрӯз.
Зи вусма сабзаи тар абрувонаш,

Ба тарфи сабза хуфта оҳувонаш.
Чӣ гӯям васфи он зебанда бинӣ,
Туро бовар наёяд, то набинӣ.
Рутабро дар лабаш дар сина хоре,
Зи чашмаш дар сари наргис хуморе.
Даҳонаш чошнибахши набот аст,
Лабаш ҳамшираи оби ҳаёт аст.
Шикаста аз ақиқаш нархи марҷон,
Зи марҷон лаълро хун карда дар ҷон.
Расида то занахдон зулфи он моҳ,
Фиганда соя Юсуф бар лаби чоҳ.
Бувад себи зақан аз сими сода,
Зи ғабғаб гарданашро тавқ дода.
Зи баҳри бурдани дилҳо, зи ҳар сӯ
Баҳона бофта барҳам зи гесӯ.
Фиганда рахнаҳо дар панҷаи маҳ,
Ниҳода панҷа ном он маҳ пас он гаҳ.
Зи симинсоиде бас нозанинаш
Бувад ҳамьёни пурсим остинаш.
Зи соқу панҷаи по он накӯчеҳр
Намуда соқи аршу панҷаи меҳр.
Надорад қадр пеши оразаш моҳ,
Набошад сурмаро дар чашми ӯ роҳ,
Зи рафтори хуши он сарви озод
Шуда сарви чаманро рафтан аз ёд.
Ба ғамза ҳар мижа ошӯби ҷоне,
Лаби лаъл аз намак шӯри ҷаҳоне.
Маҳи ид аст ҳоҷиб абрӯяшро,
Шаби қадр аст ҳинду гесӯяшро.
Чу бор овард нахлаш, нори пистон,
Бувад дар хун зи ғайрат нори бӯстон.
Рухаш молид гулро дар чаман гӯш,
Сухан шуд ғунчаро з-он лаб фаромӯш.
Ба қаддаш шохи гул гардид, моил,

Бимондаш хор дар по, пой дар гил.
Кушода доя чун з-ангушт комаш,
Чу ширин буд, Ширин кард номаш.
Ба васфаш ин ҳама дур гарчи суфтам,
Вале боистаниҳоро нагуфтам.
Зи васфи ӯ бувад қосир забонам,
Зи шарҳи ҳусни ӯ оҷиз баёнам.
Зи хешон аммае дорад қавидаст,
Ки қайсарро тавонад даст барбаст.
Мар он занро Маҳинбону бувад ном,
Ба дониш беҳ зи бонуёни айём.
Фузун аз мигфараш бар фарқ меъҷар,
Басо меъҷар, ки беҳ бошад зи миғфар.
Ниҳода duку дорад тир дар даст,
Ба ҷои ойина шамшер дар даст.
Ба кини хасм чун шамшер бандад,
Ба гоҳи разм зин бар шер бандад.
Бувад он шерзан аз насли шоҳон,
Зи Дарбанд аст мулкаш то Сипоҳон.
Чу бишнид ин сухан Хусрав зи Шопур,
Зи Ширин дар дили худ дид сад шӯр.
Дил аз вай бурд Ширин ғоибона,
Даромад ғам пайи торочи хона.
Гиребони саломат пора гардид,
Дилаш аз хонумон овора гардид.
Забон бикшод он гаҳ аз сари сӯз,
Ки эй ғофил, сияҳ кардӣ маро рӯз.
Дамидӣ он чунон бар ман фусуне,
Ки шуд ҳар дидаам гирдоби хуне.
Шикастӣ шишаи дил он чунонам,
Ки сад наштар халад дар сина з-онам.
Чунон доғе ниҳодӣ дар дили ман,
Ки нақшаш монд дар обу гили ман.
Худоро, зудтар кун фикри корам,

Қ-аз ин пас тоқати ҳиҷрон надорам.
Мабодо к-аз ғамаш девона гардам
Ба гирди шаҳру кӯ афсона гардам.
Макун таъхиру фикри кори ман кун,
Давои ин дили афгори ман кун.
Чунин шуд ҳолам аз номаш шунидан,
Чӣ сон гардад, надонам, гоҳи дидан?
Ба сӯи он бути Чин овар оҳанг,
Бикун саъйе, ки ояд зуд дар чанг.
Агар дер ояд он моҳӣ ба шастат,
Яке тимсол аз ӯ овар ба дастат.
Набинам гарчи он моҳи Чигилро,
Диҳам таскин ба он тимсол дилро.
Зи ҷо бархост Шопури хирадманд,
Ки инак пеш гирам роҳи Дарбанд.
Ба фикрат ҳал кунам ин мушкилатро,
Бикӯшам, то ба даст орам дилатро.

## НИШОНДАНИ ШОПУР НИҲОЛИ МУҲАББАТИ ХУСРАВРО ДАР ДИЛИ ШИРИНИ ШАКАРХАНД ВА НИГОҲ ДОШТАН БА САФҲАИ САҲИФАИ ХОТИРАШ ТИМСОЛ АЗ ОН СУРАТИ БЕМОНАНД

Зи таърихи қадим аст ин ривоят,
Ки чун шуд ранҷи Хусрав бениҳоят.
Миён дарбаст Шопури хирадманд,
Равон шуд аз Мадоин сӯи Дарбанд.
Расид он ҷо ба андак рӯзгоре,
Гирифт аз мардумони шаҳр ёрӣ.
Тафаҳҳус кард аз аҳволи Ширин,
Ки аз дониш равад дунболи Ширин.
Ба ӯ рози ниҳонро дар миён кард,
Саросар қиссаи худро баён кард.
Чу бишнид он ҳикоят ҳамзабонаш,

Гирифт ангушти ҳайрат дар даҳонаш,
Ки ин андеша беруи аз хисоб аст,
Хаёлоти ту яксар иосавоб аст.
Туро дар сар аҷаб савдои хомест,
Паи ҳазл ин хикоят турфа домест.
Аҷаб беақл марде будай ту,
Чӣ беҳуда рахе паймудай ту.
Набошад дидани ӯ сарсарӣ кор,
Бувад пинҳон зи чашми кас паривор.
Шавӣ гар бод, раҳ сӯяш наёбӣ,
Ғуборе аз сари кӯяш наёбӣ.
Бувад қасре, ки он маҳро мақом аст,
Ки хишти пухтааш аз сими хом аст.
Мунаққаш пайкаре мавзуну сангин,
В-аз ӯ ҳар хона шаҳбайтест рангин.
Сипеҳри нилигун нили равоқаш,
Бувад қавси қузаҳ аксе зи тоқаш.
Занад айвону тоқи ӯ рахи дин,
Чу пешониву абрӯи бути Чин.
Гачу хокаш, ки банню карда тахмир,
Ба ҳам омехта чун шаккару шир.
Бувад аз шишаҳои тоблонаш
Дили нозук чу хубони ҷаҳонаш.
Хати алқоб гирди ҳар равоқе,
Чу хат бар гирди рӯи симсоқе.
Кушода дида ҳар ҷониб зи равзан,
Шуда ҳайрони худ з-он чашми равшан.
Лаби ҳар суффа ширин асту хандон,
Намуда аз сафи дандона дандон.
Бувад ҳар кунгураш дасти дуое,
Ки набвад дар вай илло дилрабое.
Халад аз пахлуяш дар кунгури моҳ,
Қаманди ҳиларо з-он даст кӯтоҳ.
Бувад девори он аз санги мармар,

Ки мелағзад зи бодаш пои сарсар.
Сӯи он мурғ натвонад паридан,
Фалак дар вай наёрад тез дидан.
Ба берун равзане дорад, ки гоҳе
Кунад он моҳрӯ з-он ҷо нигоҳе.
Дар он дам ҳар кӣ бинад сӯи равзан,
Бурун орандаш аз сар чашми равшан.
Паи наззораи он сарви озод
Ҳазорон чашми равшан рафта барбод.
Чу бишнид он ҳикоят кордонмард,
Дар ин андешаҳои булаҷаб кард.
Ба охир санъате овард дар кор,
Ки ҳайрон монд дар вай чархи даввор.
Яке ойнарӯ дар рӯи равзан
Мураттаб кард чун хуршеди равшан,
Ки чун бинмояд он гулчеҳра дидор,
Шавад дар ойина аксаш падидор.
Чу дар ойина бинад шакли мавзун,
Кашад аз акси он нақши ҳумоюн.
Ҳамон рӯз аз қазо он моҳпора
Замоне кард аз равзан назора.
Чу аз равзан назар кард он паризод,
Зи рӯяш акс дар ойина афтод.
Қалам бигрифт он наққош филҳол,
В-аз он нақши накӯ бардошт тимсол.
Бар он коғаз, ки он тимсол бингошт,
Кашида сурати Парвезро дошт.
Қазоро гирдбоде хост аз ҷой,
Ки дар як дам зи тундӣ шуд фалаксой.
Зи дасташ рафт он тимсол барбод,
Даруни қасри он гулчеҳра афтод.
Чу он коғаз зи дасти ӯ бурун шуд,
Ба қаср он офати ҷон ҳам дарун шуд.
Нагашт устоди чобукдаст ғамгин,

Рақам зад аз хаёл он нақши Ширин.
Чу шуд пардохта он сурат аз нав,
Ба расми тӯҳфа бурдаш сӯи Хусрав.
Фитод он коғази тасвир ногоҳ,
Ба дасти он париру дар гузаргоҳ.
Чу бар коғаз назар андохт Ширин,
Бисоте, дид чун бутхонаи Чин.
Дар он маҷлис ду сурат дид зебо,
Ки шуд аз меҳри эшон ношикебо.
Яке ӯ буд, чун неку назар кард,
Зи меҳри он дигар як дида тар кард.
Дил аз Ширин рабуд он нақши дилкаш,
Шуд он ошӯби ҷон з-онҳо мушавваш.
Гирифт он нақшро аз меҳр дар даст,
Назар аз ғайри он тимсол барбаст.
Ба зорӣ гуфт: «Эй нақш, аз куҷоӣ,
Намудори кадомин дилрабоӣ?
Намедонам, ки номат аз кӣ пурсам,
Раҳу ҷову мақомат аз кӣ пурсам.
Бигӯ, бо ман балои ҷони ман кист?
Надонам чун кунам, дармони ман чист?
Маро дар як назар девона кардӣ,
Зи хешу ошно бегона кардӣ.
Басе бар гирьяҳо хандида будам,
Зи даврон дарду ғам кам дида будам.
Ба охир он чи кардам пешам омад,
Зи меҳнат бар ҷигар сад нешам омад».
Гаҳе зад оҳу гаҳ аз дард нолид,
Гаҳаш, бӯсиду гаҳ бар чашм молид.
Чу дидаш доя з-он сон ношикебо
Давидаш пеш, к-эй бонуи зебо,
Чӣ чиз аст ин ки аз савдош нолӣ,
Гаҳаш, бӯсиву гаҳ бар чашм молӣ?
Равону бетааммул гуфт Ширин,

Ки накши анбиёву каъба аст ин.
Қасе, к-аш бӯсаду бар чашм молад,
Зи дарди чашм то бошад, нанолад.
Агар молӣ туам бар дидаи хеш,
Набинӣ чашми худро аз рамад реш!
Давид аз соддагӣ он некзан зуд,
Бибӯсиду бар он ҷо чашми худ суд.
Ба он тимсол он гулчеҳра месохт,
Ба ёду васли ҷонон ишқ мебохт.
Агар нанмоядат рух асли сурат,
Бибояд сохт бо сурат зарурат.

### НИГОШТАНИ ШОПУР СУРАТИ ОФАТАНГЕЗИ ШИРИНРО ДАР ЛАВҲИ ДИЛИ АНДӮҲГИНИ ХУСРАВ ВА ФУРӮХТАНИ ОТАШИ МУҲАББАТ ДАР СИНАИ ОН СӮХТАИ ШӮЪЛАИ БАРҚИ ЗАБОНАИ ОТАШ

Ҳикоят кард соҳибсирри ин роз,
Ки чун Шопур омад аз сафар боз,
Ба роҳовард он тимсоли Ширин
Сӯи Парвез бурду ёфт таҳсин.
Дар он тимсол чун Хусрав назар кард,
Ғаму андӯхи ҳиҷронро хабар кард.
Аз он фархунда нақши фитнаангез
Яке сад гашт дарду доғи Парвез.
Ниҳодаш пешу аз ғам зор бигрист,
Зи дурии рухи дилдор бигрист,
Ки ҷоно, ҳасрати рӯи ту то кай?
Ҷудоӣ аз сари кӯи ту то кай?
Нагӯям чеҳра бинмо бе ниқобам,
Чӣ бошад гар шабе ой ба хобам.
Чӣ ҳад он гаҳ ба паҳлӯят нишинам,
Хушам гар бо саги кӯят нишинам.
Маро аз дарди ту ҳар лаҳза доғе,
Туро аз дарду доғи ман фароғе.

Туву савти ҳазору ҷоми гулгун,
Ману афғони зору чашми пурхун.
Маро ҷон омад аз ҳаҷри ту бар лаб,
Туро дил бар висоли кист, ё раб?
Ба ёрон гуфт, к-эй покизароён,
Ғами дилро намебинем поён.
Зи ғам то кай бувад кас пой дар гил,
Ба май берун тавон бурдан ғам аз дил.
Яке ороест базми хусравона,
Ки май нӯшид ба нақши он ягона.
Бигустурданд фаррошони зебо
Ба зери по ҳама аксуну дебо.
Басе заррина маҷмар шуд фурӯзон,
Зи баҳри накҳати хеш ӯди сӯзон.
Фиганд он гирдболиш зери по шаҳ,
Ки будаш абра хуршед, остар маҳ.
Фарози зариншон тахти мурассаъ,
Нишаст он хусрави гетӣ мураббаъ.
Ниҳод он нақши хушро дар канораш,
Ки медодӣ нишон аз ҳусни ёраш.
Ба дасти соқиёни моҳрухсор
Суроҳиҳои фағфурии заркор.
Сӯи соқӣ ишорат кард Парвез,
Ки май бар ёди ҷонон дар қадаҳ рез.
Равон гардид ҳар сӯ соғари май,
Ба бонги арғунуну нолаи най.
Баромад бонги нӯшонӯши мастон,
«Бидеҳ»— гуфт ин яке он гуфт: «Бистон!»
Зи як сӯ ғамзаҳои соқиён тез
Шуда чун ханҷари қассоб хунрез.
Зи дигар сӯ шароби арғунунранг
Ҳамезад шишаи номус бар санг.
Зи нолиш нолаи най ёд медод,
Шикеби ошиқон барбод медод.

Дил аз савдои иффат пок гашта,
Гиребони саломат чок гашта.
Нишаста ҷоми май бар дасти соқӣ,
Ҳарифонро намонда ҳуш боқӣ.
Тараннумҳои шавқангези қаввол
Қарори бедилонро карда помол.
Шароболуда лабҳои шакарханд
Ба ваъда ошиқонро карда хурсанд.
Хаданги ғамза, дил омоҷ карда,
Матои синаҳо тороҷ карда.
Рухи пурфитнаи симиниъзорон
Шуда ошӯби ҷони беқаророн.
Ба он зебанда нақши офатангез
Раҳиқи ноб мепаймуд Парвез.
Зи ҳад бигзашт даври ҷоми гулгун,
Шуд аз андоза шӯри бода берун.
Намонд аз тоби май дар соқиён тоб,
Димоғи шоҳ кард андешаи хоб.
Зи май пардохтанд он майпарастон,
Зи хоби хуш баросуданд мастон.

### БА ШИКОР РАФТАНИ ОН ШАҲЗОДАИ ПЕШАШУҶОАТ ВА РАСИДАН БА ОН ТУРФА МУШКИНҒИЗОЛИ САҲРОИ МАЛОҲАТ

Шикорандози ин кӯҳи гаронсанг
Кунад з-ин сон ба қасди сайд оҳанг,
Ки чун Хусрав зи ҳиҷрон нотавон шуд,
Баҳори боғи оромаш хазон шуд.
Фитодаш дар сар оҳанги шикоре,
Ки бошад ҳар замон дар марғзоре.
Дилаш, к-аз дарди ҳиҷрон буд нолон,
Диҳад таскин ба ҷавлони ғизолон,
Ишорат шуд ба шерони шикорӣ,

Ки ҳаст имрӯз вақти корзорӣ.
Ҳижаброн оҳувонро барнишастанд,
Миён дар қасди гӯрон чуст бастанд.
Ба расми сарварон шаҳзода Парвез
Кӯлаҳ кац карда бар болои Шабдез.
Қадаш дар нозукӣ наврустасарве,
**Ба зери сарв Шабдезаш тазарве.**
Баҳори ҳусни он моҳи дилафрӯз
Рухи фархундаи зебош Наврӯз.
Сӯи нахчиргоҳ овард оҳанг,
Ки аз ҳаҷри ғизоле буд дилтанг.
Мадоинрост беандоза кӯҳе,
Қ-аз он кӯҳ аст оламро шукӯҳе
Бувад з-он гунааш дар таҳти афлок,
Ки зери осмон ин тӯдаи хок.
Нагардида фалак пиромани ӯ,
Зуҳал санге бувад дар домани ӯ.
Аз ӯ ҳар гирдпушта осмоне,
Дар ӯ ҳар хушкрӯде каҳкашоне.
Зулолаш рашки оби зиндагонӣ,
Насимаш рӯҳбахши ҷовидонӣ.
Бувад ҳар чашма хуршеди мунире,
Ба кунҷи кӯҳ чун равшанзамире.
Набурда раҳ ба ӯ гармиву сардӣ,
Надида сабзаи ӯ рӯи зардӣ.
Палангонаш зи холи анбаринфом
Рабуда з-оҳувон таскину ором.
Ғизолонаш зи чашми маст хунрез,
Ба хуни лола карда ғамзаҳо тез.
Дар он нахчиргоҳи хотирафрӯз
Қамандандоз шуд шаҳзода он рӯз.
Қаманди ҳалқаи он анбаринхол
Гаҳе тавқи ғизолон, гоҳ халхол.
Нишондӣ аз уқоби навпари тир

Фаровон мурғ бар ҳар шохи нахчир.
Зи тираш буд мурғони ҳаво ҷамъ,
Чу парвона, ки гардад куштаи шамъ
Зи табли бозӣ он шириншамоил
Шудӣ раққос мурғи нимбисмил.
Хаданги лоларӯёни шикорӣ
Ниҳодӣ дар гавазнон беқарорӣ.
Зи дандони сагони аждаҳогир
Халидӣ хорҳо дар пои нахчир.
Ҳамезад чарх гирди оҳувон пар,
Ки мурғи рӯҳашон мерафт аз сар.
Дуто куштикамонҳои каёнӣ
Гирифтӣ сайди ғофилро ниҳонӣ.
Фурӯ мондӣ зи так оҳӯи дилреш,
Наҷунбидӣ зи ҷо чун сурати хеш.
Зи тири най ба ҳар сӯ сайд тозон,
Наистон сохтӣ гирди гурозон.
Зи ҳила бозмондӣ рӯбаҳи пир,
Сагаш нагзоштӣ бо макру тазвир.
Забун гаштӣ зи бими ҷон палангон,
Давидӣ ҳар тараф ҳамчун дурангон.
Шудӣ ҳар сӯ ҳазорон сайд кушта,
Аён гаштӣ зи кушта пушта-пуштā.
Ғизоли нозанин аз ноз мондӣ,
Зи ғамза чашми масташ боз мондӣ.
Ба зорӣ  турфакабке кӯҳсорӣ
Давидӣ пеши шоҳини шикорӣ.
Зи гӯри кушта гӯристони бисьёр
Аён гардид бар атрофи кӯҳсор.
Зи баҳри хиффат оҳуи ҷаҳанда
Забонро аз даҳон берун фиганда.
Яке медод саҳми сайд аз тир,
Яке мебаст бар фитрок нахчир.
Яке бар шер шамшер озмудӣ,

Дигарро як тараф шер озмудӣ.
Чунон шӯре ба ваҳшу тайр афтод,
Ки тӯфони қиёмат рафт бар бод.
Гурезон гашт нахчире зи Парвез,
Таковар кард дар дунболи ӯ тез.
Ҳаюни гармрав мекард тундӣ,
Ки сайди тундро орад ба кундӣ.
Ҷудо афтод шаҳ аз мавкаби хеш,
Қазоро зулмати шаб омадаш пеш
Дарунҳои дара шаб то саҳаргоҳ
Ҳамепаймуд водӣ роҳ бе роҳ,
Ки ногаҳ паҳндаште омадаш пеш,
Ки саҳрои қиёмат бошадаш хеш.
Яке пайғулае маъвои девон,
Ки шер аз пешамон будӣ ғиревон.
Дар он саҳрои зишту манзили шум
Навоҳои чаковак наъраи бум.
Насими субҳгоҳаш сарсари марг,
Зи осебаш ниҳоли умр бебарг.
Дар он манзилгаҳи ғӯлони пуррев
Набудӣ соя, илло сояи дев.
Ба ҷои лолаи ҳумро дар он бар
Ба хун оғушта будӣ косаи сар.
Фарозашро надидӣ абри пурнам,
Насибаш асфали қаъри ҷаҳаннам.
Дар он буми пур аз осеб, Парвез
Ҳамепаймуд раҳ бар пушти Шабдез.
Қашид оҳи ҷигарсӯз аз дили танг,
Кушод аз дида ашки арғунунранг.
Гиребон пора карду зор бигрист,
Ки ё раб, чун кунам дармони ман чист?
Наёрад кас дар ин пайғула ёдам,
Нагардад гирд ғайри гирдбодам,
Чу хоҳам зилли чатри аршпоя,

Ғаливожам кунад бар фарқ соя.
Намудӣ фарши субҳонӣ дуруштам,
Бувад паҳлу кунун бар хорпуштам.
Сияҳмор аст печи сунбули ман,
Нафири зоғ савти булбули ман.
Чу ояд ёд дурри шоҳворам,
Намояд байза беандоза морам.
Агар ҷӯям мани лабташна обе,
Зи дурам дар назар ояд саробе.
Набудӣ ранҷу меҳнатро ниҳоят,
Зи бахти божгун кардӣ шикоят.
Фитодаш роҳ баъд аз муддате чанд
Қазоро дар канори оби Дарбанд,
Дар он дарьёканор аз ҳаҷри ёраш
Зи оби дида дарьё шуд канораш.
Фурӯд омад замоне бар лаби об,
Чу кард ором бурдаш ногаҳон хоб.

## ДАР ДАРЬЁ НИШАСТАНИ ШИРИН ВА ДАРЬЁФТАН ХУСРАВРО

Аз ин дарьёи мавҷангез, ғаввос
Бурун овард аз ин сон гавҳари хос,
Ки Ширин аз ғами Парвез бетоб,
Зи дил дар оташу аз дида дар об.
Зи доғи фурқаташ ҳар лаҳза сӯзе,
Ба сад меҳнат ба шаб мебурд рӯзе.
На кас маҳрам дар он тадбир будаш,
Ки ному нанг домангир будаш.
На дар дасташ давои синаи реш,
Нагардад ҳеҷ марҳам роҳати хеш.
Зи ҳад бигзашт дарди интизораш,
Ба ҷон омад дил аз андӯҳи ёраш.
Ба доя дар миён кард ин суханро,
Ки ёбад марҳаме доғи кӯҳанро.

Наёяд ҳаргиз аз як даст овоз,
Кабӯтарро ду бол орад ба парвоз.
Набошад сангу оҳан то ба ҳам ҷамъ,
Нагардад ҳеҷ манзил равшан аз шамъ
Пас он гаҳ гуфт: «Мехоҳам замоне
Зи ҳамзодони худ ёбам амонӣ.
Даме хоҳам, ки дар дарьё нишинам,
В-аз ин номаҳрамон танҳо нишинам.
Кунам аз гирья холӣ ин дили пур,
Зи абри дида дарьёро диҳам дур».
Чу гирам нест аз дарьё ҳиҷобе,
Кӣ дорад ҳамчу ман дар дида обе?
Ба дарьё нисбати ошиқ тамом аст,
Ки чун ӯ шӯрбахту талхком аст.
Мунаққаш завраке аз сандалу уд
Муҳайё кард доя баҳри ӯ зуд.
Кушода чун садаф завраҷ даҳанро,
Ки дар дил ҷо диҳад дурри Аданро.
Арӯсу доя дар завраҷ нишастанд,
Зи ташвиши мухолиф боз растанд.
Зи Ширин дид он завраҷ ҷамоле,
Аён шуд офтобе аз ҳилоле.
Дар он манзилгаҳ он моҳи Чигил буд,
Шамоли он ба дарьё мутатасил буд.
Кушод аз бодбон киштӣ пару бол,
Чу мурғобӣ ба рӯи об филҳол.
Чу дар дарьё замоне сайр карданд,
Ҳарими хосро беғайр карданд.
Фалак кард аз қазо ёди мухолиф,
Равон гашт аз камин боди мухолиф.
Хурӯшидан гирифт он баҳр чун шер,
В-аз он ҳар қатрааш гардид шамшер.
Чу дег он баҳри мавҷангез дар ҷӯш,
Сипеҳр он дегро гардид сарпӯш.

Қафи абре, ки судӣ бар сурайё,
Зи каф зеру забар дар мавҷи дарьё.
Баромад арраҳои пушти моҳӣ,
Паи бурридани киштӣ камоҳӣ.
Ҳамезад уштурак дарьёи кинхоҳ,
Ҷиҳози он шутур, киштии он моҳ.
Ҳубоби баҳри шӯрангези пурқаҳр
Зи оби талх гашта шишаи заҳр.
Зи Ширин дид дарьё лаззати нӯш,
Зи ширинии он мезад лабаш ҷӯш.
Дар он гирдоби оташбори дерин
Зи ҷони худ тамаъ бубрид Ширин.
Ба зиштӣ пеши он ҳури биҳиштӣ
Қафан шуд бодбон, тобут киштӣ.
Кушод он сарви боло ашки гулранг,
Чу гул ҷомадарон, чун ғунча дилтанг.
Ба зорӣ гуфт: «Эй чархи ҷафокеш,
Макун бар оҷизон бедод аз ин беш!
Надонам, эй фалак, бар ман чӣ дорӣ,
Ки ҳар дам меҳнате бар ман гуморӣ.
Ба хунам ташнаӣ, тақсири ман чист?
Забунам кардаӣ, тадбири ман чист?
Маро аз тахти султонӣ бурудӣ,
Ба рӯи тахтаи киштӣ кашидӣ.
Ба ҷуз гирдоб гирдам кас нагардад,
Ба ман дар об ғайр аз хас нагардад.
Агар гӯям ҳадиси ин табоҳӣ,
Наёрад гӯш сӯяш ғайри моҳӣ.
Чу хоҳам ошнои нағз бинам,
Равам дар ошноӣ ҷағз бинам.
Чу ояд дар дилам чанги хушоҳанг,
Бивад андешаам дар чанги харчанг.
Ба кинам тухми кишта талх чун заҳр,
Дар абрӯяш гиреҳ аз сарсари қаҳр.

Қафи дарьё, ки маҳрум аст аз ангушт,
Ба қасдам аз ҳубобаш пур бувад мушт».
Гиребон кард чок аз беқарорӣ,
Ба зорӣ аз худо мехост ёрӣ,
Ки ногаҳ тавсани гардун шудаш ром,
Гирифт он баҳри пурошӯб ором.
Саломат он бути шириншамоил
Бурун омад аз он гирдоби ҳоил.
Дар он манзил, ки Хусрав буд дар хоб,
Бароман ногаҳон он гавҳари ноб.
Фитодаш чун назар бар рӯи Парвез,
Намудаш ошно дар чашми хунрез.
Зи нақше, к-он санамро дил ҳазин буд,
Нақӯ чун дид, он тимсол ин буд.
Фитод он сарви боло дар тафаккур,
В-аз он маънииш меомад таҳайюр.
Чу Хусрав чашм кард аз хоби хуш боз,
Фитодаш дида бар дилдори танноз.
Чу шуд бар рӯи он маҳ чашми ин гарм,
Ба бурқаъ рӯи худ пӯшид аз шарм.
Фурӯ монданд дар ҳайрат замоне,
Ки медиданд аз ғайрат нишоне.
Ба гӯши доя гуфт оҳиста Ширин,
Ки бар дил тоза бинам доғи дерин.
Зи тимсоле, ки ҷонам нотавон аст,
Яқинам шуд, ки нақши ин ҷавон аст.
Бипурс аввал аз ӯ оҳиста номаш,
В-аз ӯ маълум кун ҷову мақомаш.
Сӯи Хусрав равон гардид бону,
Даромад пеши ӯ бо ҳар ду зону.
Забон бикшоду гуфташ: «Аз куҷоӣ?
Чунин саргаштаву ҳайрон чароӣ?
Зи ҳайли кистиву чист номат?
Бигӯ бо ман раҳи ҷову мақомат».

Чу Хусрав ёр дид он некзанро,
Тирозе дод дебои суханро.
Зи дарду доғи дерин бозгуфташ,
Ҳикоятҳои ширин бозгуфташ.
Якояк қиссаи Шопуру Дарбанд
Ба бону гуфту ӯро кард хурсанд.
Чу бишнид он ҳикоятҳо зани пир,
Саросар пеши Ширин кард тақрир.
Чу Ширин дид он санҷидамизон,
Равон гардид бар расми канизон.
Зи шавқи васли ёри анбаринхол
Ба гӯши маҳ расонд овози халхол.
Чу Хусрав дид он сарви сиҳиро,
Ғалат кардам, ки моҳи хиргаҳиро.
Давидаш пешу рӯх бар хок молид,
Зи бедодии Фурқатҳош нолид.
Ба дасту пои якдигар фитоданд,
Забони узри якдигар кушоданд.
Ба коми хеш дар як ҷо нишастанд,
Зи дарду доғи ҳиҷрон бозрастанд.
Худо зоеъ насозад ранҷи касро,
Ба беҳуда напарронад магасро.
Ғаму дарде агар бинӣ дар ин дайр,
Машав ғамгин, ки ҳасташ оқибат хайр.
Бувад ҳар мавҷхезеро каноре,
Бувад ҳар чиллаи вайро баҳоре.
Пас аз шаб менамояд меҳри тобон,
Набошад каъба бе ранҷи биёбон.
Ду ҳамдам пеши якдигар нишаста,
Зи меҳнатҳои дурӣ бозраста,
Ки омад қосиде аз роҳ чун барқ,
Самандаш дар арақ аз пой то фарқ.
Сияҳпӯшидае, мотамрасида,
Рухе пурхуни дил, ҷома дарида.

Ба Хусрав гуфт он ғамгини ношод,
Ки Ҳурмуз мурду мулкаш рафт барбод!
Чу Хусравро расид ин нукта дар гӯш,
Гиребон пора карду рафт аз ҳӯш.
Дар ин дайри сипанҷии кӯҳансол
Бувад ҳар хандаро сад гирья дунбол.
Фалак ҳар дам дилеро реш дорад,
Ки дар ҳар нӯш чандин неш дорад.
Расонад даҳр агар як лаҳза роҳат,
Кунад соле зи дунболаш ҷароҳат.
Бурун нанҳода кӯдак пой аз маҳд,
Ки тобуташ барад даврон ба сад ҷаҳд.

### ФУРӮЗОН КАРДАНИ ХУСРАВ ОТАШИ СӮЗОНИ ҚИНАРО ВА ҲИМАВОР СӮЗОНИДАНИ БАҲРОМИ ЧӮБИНАРО

Гиребон пора кард он сӯг ногоҳ,
Баровард аз сари дард инчунин оҳ,
Ки чун Парвез шуд з-он қисса огаҳ,
Фитодаш оташе дар сина ногаҳ.
Ба зорӣ гуфт: «Оваҳ чун кунам чун,
Фиғон аз ҷаври бадмеҳрии гардун.
Сиришт аз ғуссаву меҳнат гили ман,
Ниҳад ҳар рӯз доғе бар дили ман.
Паи қатлам ғами ҳиҷрон на бас буд,
Ғами марги падар ҳам бар вай афзуд.»
Ба чашми хунфишону бо дили реш
Равон гардид сӯи кишвари хеш.
Расид он ҷо, падар барбод рафта,
Қасонро номи ӯ аз ёд рафта.
Аз ӯ сар боззад Баҳроми Чӯбин,
Миён дарбаст бо вай аз сари кин.

Равон шуд бо сипоҳе аз адад беш,
Ки фориғ созад аз Хусрав дили хеш.
Ба қасди он сипаҳбуд, тез Парвез
Гирифт аз кина дар каф теғи хунрез.
Саҳар, к-ин теғи тези хусрави рӯз
Ба қатли зангии шаб шуд ҷаҳонсӯз.
Баромад бонги кӯсу нолаи ной
Дукӯҳа оҳанин ҷунбид аз ҷой.
Падид омад ҳазорон оҳанинтан,
Ниҳон гардида чун оташ дар оҳан.
Заданд авранги шаҳ бар кӯҳаи пил,
Ялон бастанд сафҳо мил дар мил.
Муҳандиспешагони чархпаймой
Ситода бар каф устурлаб ҳар ҷой.
В-аз он ҷониб сафи Баҳроми саркаш
Равон гардид чун дарьёи оташ.
Чу шуд қалбу ҷиноҳи ҳар ду саф рост,
Фиғони карраною кӯс бархост.
Зи бонги ной ҷастӣ мурда аз ҷой
Дарафтодӣ зи ҳӯяш моҳӣ аз пой.
Ҷанибатҳои шерони қавичанг
Шуда раққос з-овози дафу чанг.
Ду лашкар чун ду дарьё рехт бар ҳам,
Ҳазорон кинаҷӯ овехт дар ҳам.
Сари кушта тарозуи балосанҷ,
Ҳамепаймуда бар шерафканон ранҷ.
Зи ҳар сӯ риштаҳои умри шерон
Бурида теғи буррони далерон.
Ҳазорон тирҳои новаки най
Чу найшаккар ҳамехӯрдӣ пайпай.
Қамонҳо аз қавизӯрон мушавваш,
Фитода дар кашокашҳои нох(в)аш.
Қашида ҷангҷӯёни сипаҳдор
Ба рӯи оташе аз теғи дидор.

Зи чокочоки ханҷар синаҳо чок,
Шуда дилҳо ба марг аз кинаҳо пок.
Таковарҳо ба зери пилзӯрон
Гарав бурда ба гоҳи так зи гӯрон.
Замин дар мотами гурдони кинҷӯй
Зада нохун зи нақши наъл бар рӯй.
Чу бадмеҳрон камонҳои каёнӣ
Зи тоқи абрӯвон дар ҷонситонӣ.
Зи ҳар сӯ гашта ханҷарҳои хунрез,
Ба хун чун ғамзаи кофирдилон тез.
Хаданги шермардон сина хаста,
Зи қатли саркашон дар хун нишаста.
Давон пайки аҷал ҳар сӯй чун тир,
Ки гардад хинги гурдонро инонгир.
Фарози куштагони теғу ханҷар
Дурафши ковиёнӣ соягустар.
Ғиреву наъраи шерони шарза
Дар ин миносаро афганда ларза.
Зиреҳро чашми хунполо зи ҳад беш,
Ки хун гирьяд ба марги соҳиби хеш.
Қулаххӯди ялони заҳрошом
Зи баҳри шарбати марг омада ҷом.
Паи омоҷгоҳи тири кина,
Шуда сандуқро сандуқи сина.
Ба охир Хусрав аз сарпанҷаи кин
Шикаст овард бар Баҳроми Чӯбин.
Гирифт он гурди гарданкаш сари хеш,
Ҳазорон доғи ҳасрат бар дили реш.
Қасе, к-ӯ дар ҷаҳон бадсоз гардад,
Бад-ӯ охир ҳамон бад боз гардад.
Дар ин фирӯза айвони пурофот
Бадиро ҳам бадӣ бошад мукофот.
Қасе, к-озори мардум кард пеша,
Бувад озурда аз даврон ҳамеша!

## НОМА НАВИШТАНИ ШИРИНИ ШӮРАНГЕЗ ДАР ВАФОТИ ПАДАРИ ПАРВЕЗ

Ҷигар парколаи ин дашнаи ғам
Азо з-ин сон расонад гоҳи мотам,
Ки Хусрав тухми ғам дар сина мекошт,
Зи мотам дидаи хунрез медошт.
Ҷигар хун кард Ширин з-он табоҳӣ,
Рақам зад номае дар узрхоҳӣ.
Пас аз арзу ниёзу узри бисьёр
Ҳадиси меҳрубонӣ кард изҳор,
Ки эй зинатдиҳи авранги Ҷамшед,
Бимонод афсару тахти ту ҷовид.
Агар биншаст шамъи меҳр аз сӯз,
Чароғи моҳ бодо оламафрӯз.
Дигар гулбарги хандон рафт барбод,
Гулобаш баҳри бӯи хуш бимонод.
Агар абри карам рафт аз миёна,
Бувад поянда он дурри ягона!
Либоси умр агар бар ноқа шуд чок,
Бимонад мушк баҳри атр тарьёк.
Ҳар он ашке, к-аз ин ғам чашмат ангехт,
Маро чашмеву он аз чашми ман рехт.
Туро он оташе, к-аз дил барафрӯхт,
Аз ӯ, ҷоно, даруни ҷони ман сӯхт.
Гаҳе аз меҳри рӯят мӯй кандам,
Гаҳе бар ёди мӯят рӯй кандам.
Мани ғамдида рафтам дар табоҳӣ,
Чу оби хизр пинҳон дар сиёҳӣ.
Парешон сохтам зулфи заминсой,
Сияҳ кардам либос аз фарқ то пой.
Гаҳе чун ғунча пироҳан даридам,
Чу булбул гоҳ афғон баркашидам.
Зи ғам мотамсаро кардам шабистон,

Задам бар сина мушт аз норпистон.
Чу лола ҷома бар тан чок кардам,
Чу абр аз гиря гил намнок кардам.
Ба нилуфар бадал кардам суманро,
Зи сунбул тарф бастам настаранро.
Чу гул паркола-паркола узорам,
Чу лола ғарқи хуни дил канорам.
Рутабро з-устухон озор кардам,
Ба нохун себро афгор кардам.
Ба ҷой овардам ойини азоро,
Фурӯ нагзоштам расми вафоро.
Вале бар худ набуд он ихтиёрам,
Ки оям пеши рӯят саҷда орам.
Бувад гар дида маҳрум аз ҷамолат,
Найям холӣ замоне аз хаёлат.
Макун з-ин воқеа озор худро,
Масоз аз дарди дил бемор худро.
Басо савдо, к-аз он гӯй зиён аст,
Чу некӯ бингарӣ, судат дар он аст.
Набуррад арра гар шохи кӯҳунро,
Нахезад шохи тоза сарвбунро.
Нарезад гар шукуфа аз сари шох,
Наёяд меваш дар ҷилва густох.
В-агар деҳқон нарезад дона дар хок,
Наёрад хӯшаи он сар бар афлок.
Аз он гардад ниҳон хуршеди ховар,
Ки созад моҳи гетиро мунаввар.
Чу унвон ёфт он хатти амонӣ,
Фиристодаш сӯи дилдори ҷонӣ.

## РАСИДАНИ ТАЪВИЗИ БОЗУИ МУРОД БА ДАСТИ ХУСРАВИ ФАРЕДУННИҲОД ВА ПАРВОЗ ҚАРДАНИ ҚУМРИИ НОЛОН БА СӮИ СИҲИСАРВИ ХИРОМОН

Чу омад номаи Ширин ба Хусрав,
Фитодаш оташе дар сина аз нав.
Ҳавои сард буду чиллаи дай,
Димоғи шоҳ гарм аз оташи май.
Ба Шопури сухандон роз бикшод,
Ки афтод оташам дар ҷони ношод.
Ҳавои васли Ширин дорам имрӯз,
Фиғон з-он доғи дерин дорам имрӯз.
Даруни дил фитод он хор-хорам,
Ки афтад бар диёри ӯ гузорам.
Замин бӯсид Шопури хирадманд,
Ки эй дар хидмати шоҳон камар банд,
Зимистон асту роҳ аз барф банд аст,
Сафар дар чиллаи дай ннописанд аст.
Зи сармо гашта пои кӯҳҳо чок,
Ниҳода Хингрӯдаш ном афлок.
Чу беҳад гашт сармои зимистон,
Зи баҳри бесарупоёни бӯстон.
Зи барфу жола ҳаллоҷи замона
Диҳад гаҳ пунба, гоҳе пунбадона.
Санавбарро зи сарсар по шикаста,
Ки ях бар гирди пояш тахта баста.
Зи абри вай кунад санҷоби хуршед,
Ки меларзад зи боди сард чун бед.
Чанор аз сардии даймоҳ афсурд,
Зи сармо дастҳо зери бағал бурд.
Гавазн аз зулми барф омад ба фарьёд,
Зи теғи кӯҳ пеши теғи сайёд.
Шаҳи фархундафар хандид аз он ҳарф,
Ки ошикро куҷо монеъ шавад барф.

Ба роҳи ишқ гоҳи хоб, моро,
Бувад ях бистари санҷоб моро.
Пас он гаҳ ҳоҷиберо гуфт Парвез,
Ки зини зар ниҳад бар пушти Шабдез.
Ба зери зин саборо ром карданд,
Маликро лек беором карданд.
Баромад бонги кӯсу ной заррин,
Равон шуд шоҳи Руму хусрави Чин.
Рикобашро сарони ҳафт иқлим
Ба сад таъзим хонда тавқи таслим.
Саросар човушонаш тоҷдорон,
Ҳама фармонбаронаш боҷхорон.
Равон дар мавкабаш хубони танноз,
Ба дил бурдан ҳама дар ҷилваи ноз.
Хитоилӯъбатони қоқумипӯш
Ғизолон хилъати мӯина бар дӯш.
Тани симин якеро зери санҷоб
Ба сони ширмоҳӣ дар таҳи об.
Яке дар кисвати қоқум нуҳуфта,
Ниҳолеро гули насрин шукуфта.
Якеро тоҷкеш омад тазарве,
Ки дорад ошьён болои сарве.
Якеро атласи зарбофт бар дӯш,
Кулоҳи каҷ якеро суда бар гӯш.
Бад-ин ойин равон шуд сӯи Дарбанд,
Расид он ҷо зи баъди муддате чанд.
Маҳинбону чу бишнид ин суханро,
Гиромӣ кард шоҳи анҷуманро.
Ба сад таъзим истиқбол кардаш,
Зи сӯи хеш фориғбол кардаш.

## СУҲБАТ ОРОСТАНИ МАҲИНБОНУ ҶИҲАТИ ХУСРАВ ВА МУЗАЙЯН СОХТАНИ ҶАҲОНИ КӮҲНА АЗ НАВ

Намози шом, к-ин чархи пурахтар
Зи ҷаъди пурхами шаб суд анбар.
Маҳинбону паи ишратгаҳи шоҳ
Мунаққаш хиргаҳе афрохт то моҳ.
Қамина шамъи он хиргоҳ маҳ буд,
Дар он шаб осмон, гӯё, ки даҳ буд.
Чу он хиргоҳро ном осмон шуд,
Бар ӯ ҳар сӯ танобаш Қаҳкашон шуд.
Дар он ҳар чӯби рангине, ки бинмуд,
На чӯби хиргаҳ, он қавсу қузаҳ буд.
Чу он хиргоҳро омода карданд,
Ҳавои соқиёни сода карданд.
Зи себи пургулобу манқали зар
Падид омад биҳишту ҳавзи кавсар.
Парирӯён ба май хӯрдан нишастанд,
Зи фикри ҳар ду олам боз растанд!
Баромад нолаи уд аз сари ҳол
Чу бар набзаш ниҳод ангушти қаввол.
Лаби мутриб ба най чун кард пайванд,
Зи оби Хизр сар бармезадӣ қанд.
Зи хидмат баҳри хубони қадаҳнӯш
Даф омад аз ҷалоҷил ҳалқа дар гӯш.
Ғиҷак мезад чу хубони сумансоқ
Ба абрӯи камонча роҳи «Ушшоқ».
Шамома шаккари лаб дид дар мушт,
Зи шириниш бар ҳам баст ангушт.
Зи лаҳни нағмасанҷони хушовоз,
Зи тан мекард мурғи рӯҳ парвоз.
Зи бахти худ суроҳӣ буд хушнуд,
Ки дасти гулрухон дар гарданаш буд.

Зи шодӣ ҷомро монда даҳан боз,
Ки бӯсида лаби хандони танноз.
Зи яксӯ духтарони моҳсимо
Ба маъшуқон ҳамекарданд имо.
В-аз он сӯ содарӯёни сумансоқ
Ба васли дилбарони хеш муштоқ.
Сари сархайли Ширин буд Хусрав,
Шароби кӯҳнаву ишратгаҳи нав.
Қарини он ду гавҳар дар яке дурҷ,
Қирони он ду ахтар дар яке бурҷ.
Дар он хиргоҳ ҷоми май шитобон,
Чу гирди осмон хуршеди тобон.
Чу ҷоми бода омад дар раворав,
Такаллуф рафт аз Ширину Хусрав.
Гаҳе ин дасти онро бӯса додӣ,
Гаҳе бар пои ин он сар ниҳодӣ.
Навои мутрибону нағмаи най,
Сафои соқиёну нашъаи май.
Надимони маҳалдон маҷлисорой,
Ғизолони ғазалхон ишратафзой.
Чу давре чанд бигзашят аз маи ноб,
Ҳарифон саргарон гаштанд аз хоб.
Якояк тарки нуқлу ҷом карданд,
Ҳама дар хобгоҳ ором карданд.

## ДУХТАНИ МАҲИНБОНУ ХИЛЪАТИ ФОХИРИ МАСТУРИРО БАР АНДОЗАИ ҚОМАТИ ОН САРВИ СИҲӢ

Маҳинбону чу дид он ишқбозӣ,
Тариқи дӯстиву дилнавозӣ.
Дилаш з-омезиши он шаккару шир
Чунон озурда шуд, к-аз ханҷару тир,

Гирифташ хори нангу ном доман,
Басе андеша кард аз таъни душман.
Ба Ширин гуфт, к-эй фархунда фарҷом
Туро ҷуллоби исмат бод дар ҷом!
Ҳарамҷо ҳуҷлаи мастурият бод,
Зи беозарми хубон дурият бод!
Ҳаёву шармро кун хоки пошон,
Ҳарими дидагонро соз ҷоншон!
Макун чун меҳр, эй маҳ, хирачашмӣ,
Ки бинӣ дар шаби ғам тирахашмӣ.
Машав хандон чу гул дар рӯи мардум,
Чу ғунча лаб фурӯ банд аз табассум.
Накӯрӯе, ки хулқаш беҳисоб аст,
Муқим аз комҷӯӣ дар ҳиҷоб аст.
Бувад рӯи накуро хулқ даркор,
На чандон, к-оварад шармандагӣ бор.
Хушо, қаҳре, ки бошад охираш ком,
Бад он лутфе, ки ранҷ орад саранҷом.
Чунин маълум шуд, к-ин шоҳзода
Зи савдои ту дил бар бод дода.
Туро ҳам аз гули ӯ хор-хор аст,
Зи ҷоми шавқи ӯ дар сар хумор аст.
Зи ҷону дил бувад ҳарчанд ёрат,
Ба дасти худ нигаҳ дор ихтиёрат.
Наёбӣ беғараз дар ҳар диёре,
Набинӣ ҳеҷ гул бе ранҷи хоре.
Зи худ ҳарчанд бинӣ ношикебаш,
Нигаҳ медор худро аз фиребаш.
Намебинам ду дил бо якдигар соф,
Намонда дар миён ойини инсоф.
Ба он дурри самин, эй лаъли носуфт,
Ба ойини заношӯӣ шавӣ ҷуфт.
Ҷудоӣ гар нахоҳӣ аз висолаш,
Ба номи нек шав ҷуфти ҳалолаш.

В-агар хоҳӣ, ки маҳкамтар шавад банд,
Даровар пошро дар қайди фарзанд.
Зан омад мӯниси кас то лаби гӯр,
Шаби торест шоҳид гар бувад ҳур.
Чу бе кобин ниҳод по дар вусоқат,
Ба осонӣ барад номи талоқат.
Гар аз кобин ниҳӣ бар гарданаш вом,
Барад раъйи туро фармон ба ноком.
Шавад ақл аз сиҷилли муҳр номӣ,
Диҳад шавҳар ба зан хатти ғуломӣ.
Зи Хисрав гарчи оре нест ёро,
Ба ӯ фахре набошад низ моро.
Надорад дар насаб моро фузунӣ,
Набошад назди ӯ моро забунӣ.
Агар ӯ дур бувад, мо лаъли нобем,
В-агар ӯ маҳ бувад, мо офтобем.
Агар тӯтист, мо шаккарситонем,
В-агар қумрӣ бувад, мо бӯстонем.
Агар Хизр аст, мо оби ҳаётем,
В-агар Ильёс бошад, мо Фуротем.
Нагардӣ дар шаби хилват чароғаш,
Ки сӯзӣ ройгон баҳри фароғаш.
Туро чандон назар бар моҳи ид аст,
Ки абрӯяш зи чашмат нопадид аст.
Чу дида баъд аз он сӯяш набинӣ.
Ба чашми меҳр абрӯяш набинӣ.
Чу бинад остинат бӯи дасте,
Басе дар қиматаш ояд шикасте.
Набошад ҷуръаи пасмондаро қадр,
Шавад бенур, ҳаргаҳ бишканад бадр.
Бувад чун ҷом бар каф себи хандон,
Ки эмин бошад аз осеби дандон.
Машав бо ӯ ба ҷилва ишвапардоз,
Ки афтад дар тамаъ з-он ишваву ноз.

Шавад гар аз ту пинҳонӣ суханҷӯй,
Ҷавобаш дар миёни анҷуман гӯй.
Хуш омад он ҳикоят дилситонро,
Ки дар дил дошт бо Хусрав ҳамонро.
Чу равшан шуд чароғи субҳгоҳӣ,
Мунаввар гашт аз маҳ то ба моҳӣ.
Парирӯ кард майли сайдтозӣ,
Ки Хусравро кунад з-он дилнавозӣ.
Ба ӯ ҳафтод духтар барнишастанд,
Миён дар сайдтозӣ чуст бастанд.
Ҳама сайдафган он ҳафтод духтар,
Бувад дар сайд бози мода хуштар.
Ҳама дӯшизагони марьямойин
Надида нози шӯю нанги кобин.
Ба шоми базм шамъи маҷлисафрӯз,
Ба рӯзи рамз оташҳои ҷонсӯз.
Ғизолон дар мақоми дилнавозӣ,
Ҳижаброн аз паи нахчиртозӣ.
Уқоби тунди ҳар як корпардоз,
Тазарви турфа дар ҷавлонгаҳи ноз.
В-аз он сӯ Хусраву фавҷе парирӯй,
Ба хубӣ бурда аз хуршеду маҳ гӯй.
Палангони нару шерони мода,
Ба сайд андохтан бозу кушода.
Дар он нахчиргаҳ Ширину Парвез,
Қамандандоз бар Гулгуну Шабдез.
Гаҳе оҳу зи Хусрав тир хӯрдӣ,
Хадангаш гоҳ бар нахчир хӯрдӣ.
Зи вақти субҳдам то охири шом
Накарданд он бутон аз сайд ором.
Чу аз нахчиртозӣ бозгаштанд,
Ба расми дӯш ишрат соз карданд.
Зи ишрат гулрухони маҷлисафрӯз
Наёсуданд то қурби чиҳил рӯз.

Ба Ширин гуфт Хусрав, к-эй шакарханд,
Ба сӯи мо гузар кун рӯзаке чанд.
Бубин манзилгаҳу маъвои моро,
Мушарраф кун зи юмнат ҷои моро.
Чу бишнид ин сухан Ширин зи Парвез,
Шуд аз шаҳди лаби нӯшин шакаррез.
Замин бӯсиду гуфт: «Эй фахри олам,
Мабодо, аз сари мо соят кам!
Нахоҳемат зи даврон ҷуз накӯӣ,
Ба ҷон фармон баремат ҳар чӣ, гӯӣ».
Бути зӯҳраҷабин, моҳи ҷаҳонтоб,
Сӯи шаҳри Мадоин шуд инонтоб.
Мадоин фитнаи хулди барин шуд,
Ки манзилгоҳи рашки ҳуриин шуд.

### ФИТОДАНИ МУРҒИ ДИЛИ ФАРҲОДИ МИСКИН ДАР ДОМИ ЗУЛФИ МУШКИНИ АНБАРФОМИ ШИРИН

Асири фитнаи симинузорон
Кунад з-ин гуна сели ашк борон,
Ки рӯзе дар гузар Фарҳоди мискин
Синоне хӯрд аз бедоди Ширин.
Хаданги ғамза кардаш ҷой дар дил,
Зи сели дида мондаш пой дар гил.
Ба зорӣ гуфт: «Аллаҳ, чун кунам чун?
Дили девона рафт аз хона берун.
Шудам ошуфтаи номеҳрубонӣ,
Гирифтори балои ногаҳонӣ.
Зи пайконе маро озурд бебаҳр,
Ки аз талхии ҳиҷрон додааш заҳр.
Чунон шуд пора танпӯши саломат,
Ки пайвандаш кафан гардад қиёмат.
Баланд омад басе айвони он моҳ,
Каманди чораи бечора кӯтоҳ.

Чӣ сон парвонаи пурсӯзи бекадр
Кунад парвоз гирди машъали бадр.
Хазаф дар силки гавҳар чун кунад ҷой,
Ки кард аз моҳи нав халхол дар пой.
Ба дона мурғи қудсӣ кай шавад ром,
Надида Насри тоир бар лаби бом.
Мани мискин надонам чун кунам оҳ,
На бе ӯ-сабр, не дар кӯи ӯ роҳ.
На раъйи он ки дар доман кашам пой,
На пои он ки наздикаш кунам ҷой.
Басе дидам ҷафокешон аз ин пеш,
Басе хӯрданд синон бар синаи реш.
Вале захме чунин корӣ надидам,
Дили худро бад-ин зорӣ надидам.
Надонам аз кӣ пурсам чораи хеш,
Куҷо ҷӯям дили овораи хеш.
Дили саргаштаро мебуд ҷӯён,
Суроғи дилситон мекард пӯён,
Ки рӯзе аз қазо Ширин ба Шопур
Забон бикшоду гуфт: «Эй ақлро нур,
Чунон хоҳам, ки қурби як-ду фарсанг
Зи баҳри шир созам ҷӯе аз санг,
Ки шир ояд ба пои хеш ин ҷо,
Наёяд модиёну меш ин ҷо».
Ҷавобаш дод Шопури ҳунарвар,
Ки эй бар гулрухони даҳр сарвар,
Бувад ин ҷо зи Чин Фарҳоди номӣ,
Дар ин санъат ҳунарманди тамоме.
Ману ӯ пештар ҳампеша будем.
Ҳамеша бар яке андеша будем.
Кашид охир қалам дар нақши Монӣ,
Адимулмисл шуд дар тешаронӣ.
Паи ин кор ҷуз ӯ нест лоиқ,
Бар ин аҳли саноат ӯст фоиқ.

Талаб фармуд Ширин Кӯҳканро,
Ки бинад шерзӯри пилтанро.
Даромад Кӯҳкан монанди кӯҳе,
Зи фарраш дид дар маҷлис шукӯҳе.
Бути дилҷӯй пеши хеш хондаш,
Зи хайли маҳрамон бартар нишондаш.
Забон бикшод онгаҳ он парирӯй,
Ҳикоят кард бо ӯ қиссаи ҷӯй.
Чу Фарҳод он сухан аз ёр бишнид,
Замин бӯсиду ҷои кор пурсид.

## ҚАНДАНИ ФАРҲОДИ АНДӮҲГИН БА НОХУНИ ТЕШАИ АЛМОСПЕША РӮИ ГАРДОЛУДИ ЗАМИНРО ВА ДАҶЛАИ ХУН СОХТАН АЗ ДИДАИ ХУНОБАФИШОН ҶӮИ ШИРИНРО

Чунин зад теша устоди хирадманд,
Ки мекард обнӯсу оҷ пайванд,
Ки он пӯлоддасти сеҳрпеша
Паи санъатгарӣ бардошт теша.
Миён дарбасту доман дар миён зад,
Қадам дар роҳи ҷононаш ба ҷон зад.
Паи таскини тифли ашк Фарҳод
Зи хоро ҷӯи шире кард буньёд.
Ба навҳа рӯи саҳро мехарошид,
Чу беди хушк хоро метарошид!
Зи гирья кард рӯде ҳар тараф соз,
Ба сели ашк дод аз нола овоз.
На он ношоди ғамгин ҷӯй меканд,
Замин дар мотами ӯ рӯй меканд.
На шаб таскин, на рӯз ором будаш,
Ки мурғи дил асири дом будаш.

Намудӣ чун хароши дил ба хора
Шудӣ аз дарди ҷонаш пора-пора.
Зи фикраш сар фигандӣ теша дар пеш
Зи дасташ синаи хоро шудӣ реш.
Ба андак рӯз коре як-ду фарсанг
Ба сони Даҷла ҷӯе канд дар санг.
Чу саҳро дид лутфи ҷӯи Фарҳод,
Зи меҳраш дар даруни сина ҷо дод.
На дар санг он ҷафобин ҷӯй пардохт,
Ки баҳри ишқбозӣ кӯчае сохт.
Чу фориғ шуд зи кори ҷӯй устод,
Зи мармар турфа ҳавзе кард буньёд.
Зи боди тешааш мармар парешон,
Ки гардад об аз сарсар парешон.
Зи рӯи даст кард, аз санги хоро
Чу кавсар низ ҳавзе ошкоро.
Ба сӯи ҳавз баҳри он парирӯй
Ба ҷои об шир овард аз он ҷӯй.
Замин чун дид з-он сон ҷӯи шире,
Ҷаҳони пир шуд тифли башире.
Лаби он ҷӯй шири булаҷаб ёфт,
Арӯси даҳр аз он дандону лаб ёфт.
Зи Ширин ҷӯи шир омад навиде,
Шаби Фарҳодро субҳи умеде.
Шуд аз ҷӯ канданаш хоро ҷароҳат,
Зи шираш монд теша баҳри роҳат.
Сафед аз ҳаҷри ёре чашми айём,
Ниҳода ҳавзи шираш Кӯҳкан ном
Хабар карданд Ширинро, ки Фарҳод
Ба дониш дод ҳавзи ҷӯйро дод.
Ниҳод имрӯз санге дар тарозу,
Ки вазнашро надонад зӯри бозу.
Биканда ҳавзу ҷӯ мискини ғамнок,
Ки ҷайби дашт то доман зада чок.

Паи тӯмори ғам маҳзуни дилгир,
Кушода коғазе аз ҷӯи пуршир.
Қасе к-ин мужда дод он нозанинро,
Туфайлаш кард накди Руму Чинро.
Равон шуд бо сиҳисарвони ҳамзод,
Қи бинад қуввати бозуи Фарҳод.
Сӯи ҳавз омад оби зиндагонӣ,
Қи ёбад ташна умри ҷовидонӣ.
Ба ҳавзи шир кард он маҳ нигоҳе,
Бидид аз акси худ дар ҳола моҳе.
Зи акси соиди Ширин камоҳӣ
Зи ҷӯи шир пайдо ширмоҳӣ.
Қанори ҳавзро ҳар сарви нозе
Зи нахли қоматаш дода тирозе.
Лаби он ҳавз ҳубони суманбар
Нишон дода зи ҳуру тарфи кавсар.
Зи ҳар ҷониб ғизоли шергире,
Ниҳода бар кафи худ ҷоми шире.
Зи лабҳо шаккар афгананд дар шир,
Шуданд аз ширу шаккар чошнигир.
Пас он гаҳ нозанин Фарҳодро хонд,
Гиромӣ карду назди хеш биншонд.
Ба таҳсин гуфт он шӯхи шакарханд:
«Бимонад дасту бозуи ҳунарманд,
Сари сеҳрофаринон бод хокат,
Ҳазорон офарин бар табъи покат.
Наёяд ин зи дасти одамизод,
Зиҳӣ санъатгарӣ дастат маризод.
Қамоли чун туеро мо чӣ донем,
Дар ин майдон таковар чун давонем?
Туро мисли туе медонаду бас,
Вале мислат набошад дар ҷаҳон кас».
Ба ман додаш ҷавоҳир, зар ба хирвор,
Қи донисташ ба сад чандон сазовор.

## МУНОЗИРА КАРДАНИ ХУСРАВ БА ОН МУҲАББАТЗАДАИ РАНҶИ ХОНАИ САБУРӢ ВА ГИРИФТОР ШУДАНИ ОН ЮСУФСИФАТИ ЗУЛАЙХОНОДИДА БА МАШАҚҚАТИ ТАНГНОИ ЧОҲИ ДУРӢ

Сиришки ошиқи ин шӯхи танноз
Кунад з-ин гуна ғаммозии ин роз,
Ки дуди миҷмари Ширину Фарҳод
Зи сӯзи уду оташ ёд медод.
Фитод аз бом ташти он ду ҳамроз,
Ба гӯши айбҷӯён рафт овоз.
Рақибе гуфт Хусравро, ки Фарҳод
Бувад дар ишқи Ширин бо ту ҳамзод.
Ба меҳри рӯи ӯ дил гарм дорад,
Зи ту не шарму на озарм дорад.
Чу бишнид ин ҳикоят рафт аз хеш,
Расидаш нештаре бар синаи реш.
Нишаст аз сарсари ҳайрат чароғаш,
Баромад дуди ғайрат аз димоғаш!
Ниҳонӣ Кӯҳканро дод овоз,
Ки дар хилват муносиб буд он роз.
Забон бикшод онгаҳ дар хитобаш,
Ки дар сар буд савдои итобаш.
Бигуфт: «Аввал бигӯ бо ман мақомат».
Назираш гуфт дар кӯи маломат.
Пас он гаҳ гуфт: «Ширин кист, донӣ?»
«Мабодо,— гуфт,— бе ӯ зиндагонӣ».
Магар гуфт: «Аз сари хешат хабар нест».
Бигуфто: «Мастро парвои сар нест».
«Марав — гуфто, ба пеши он парирӯй».
«Надорам,— гуфт, ҷое ғайри он кӯй».
Бигуфт: «Аз банди ӯ бикшой пайванд»,
Бигуфто: «Беҳ бувад девонаро банд».
Бигуфт: «Аз зулфи ӯ шуд мағзи ту хушк»,

Бигуфто: «Ин бувад хосияти мушк».
«Ба сабр аз кӯи ӯ,— гуфто, бикаш пой»,
«Надорам сабр,— гуфто, чун кунам вой?»
Бигуфто: «Аз рақибонаш бияндеш»,
Бигуфт: «Аз саг накард андеша дарвеш».
«Ба кӯяш,— гуфт, борад тиру шамшер»,
«Гиё,— гуфто, ба борон кай шавад сер?»
Бигуфто: «Тарки меҳру моҳи ман деҳ»,
Бигуфто: «Рав, бикун фикре аз ин беҳ».
«Кунам,— гуфто,— ба теғат, пора-пора»,
Бигуфто: «Гар қазо бошад чӣ чора?»
Накард андеша аз шамшери хунрез,
Ҳамегуфташ ҷавоби оташангез.
Шаҳаншоҳ оҷиз омад аз ҷавобаш,
Аз он пас лаб фурӯ баст аз итобаш.
Ба хилват маҳрамони хешро хонд,
Саманди табъи дурандешро ронд.
Чу роз оғоз кард аз ғусса бигрист,
Ки эй покизароён, маслиҳат чист?
Агар бигзорамаш, харсанги роҳ аст,
В-агар хунаш бирезам, бегуноҳ аст.
Басе карданд тадбироти лоиқ
Ба табъи шаҳ набуд онҳо мувофиқ.
Забон бикшоду гуфт: «Эй ҳушмандон,
Бувад тадбири ин девона, зиндон.
Чаҳе бар қуллаи кӯҳ аст дар санг,
Ки умқашро надонад кас ба фарсанг.
Бувад дурии ӯ чандон, ки хоҳӣ,
Расида то ба пушти говмоҳӣ.
Дарозу тира ҳамчун тори зуннор,
Бувад рӯзи қиёматро шаби тор.
Агар санге фитад ногаҳ дар он чоҳ,
Бимонад то ба рӯзи ҳашр дар роҳ.
Дароянд гар дар он хуршеди тобон,

Зи торикаш баргардад шитобон.
Дар он меҳри фалак гумроҳ бошад,
Қаманди ӯ аз он кӯтоҳ бошад.
Чунон карданд аз метин мағокаш,
Ки шуд кӯҳу замин аз сангу хокаш.
Зи метинаш бувад, чандон ки хоҳӣ
Нишонҳо ҳар тараф бар пушти моҳӣ.
Дар он чаҳ боядаш маҳбус кардан,
В-аз онаш рахна дар номус кардан».
Ба дасти бадсиголонаш сипурданд,
Равонаш бар сари он чоҳ бурданд.
Даромад ошиқи бетобу дилтанг
Ба сони ришта дар сӯрохи он санг.
Даруни чаҳ гирифтори бало шуд,
Чу мӯре дар даҳони аждаҳо шуд
Даҳони чоҳро карданд аз санг
Ба як дам чун дили ғамдидае танг.
Ниҳодандаш ба сар санге чу кӯҳе,
Муваккал сохтанд он ҷо гурӯҳе.
Даруни чоҳ чун ҷо кард Фарҳод,
Аз он чоҳи занахдон омадаш ёд.
Гиребон пора карду баркашид оҳ,
Ки пироҳан маро бас бошад ин чоҳ.
Ба зорӣ гуфт: «Эй гардуни бадмеҳр,
Фигандӣ дурам охир з-он паричеҳр.
Гулӯи чоҳро гаштам навола.
Зи хоки қисматам ин шуд ҳавола.
Сагонро раҳ дар он кӯю маро не,
Заминро бар дараш рӯю маро не.
Намеояд бурун аз чоҳ оҳам,
Шуда қандили тири ох чоҳам.
Чаҳ аз андӯҳи ман чун ношикебон
Фурӯ бурда сари худ дар гиребон.
Хуш он шабҳо, ки кардам ҷустуҷӯяш,

Чу боди субҳдам гаштам ба кӯяш.
Гаҳе чун субҳ пироҳан даридам,
Чу булбул гоҳ афғон баркашидам.
Гаҳе дар пои девораш фитодам,
Гаҳе бар остонаш рух ниҳодам.
Ба санги фарш рӯи зард судам,
Зари худ бар маҳак меозмудам.
Гаҳе санг аз ҷафои посбонаш
Задам бар сина ҳамчун остонаш.
Саги кӯяш гирифтӣ гоҳ доман,
Шудӣ доманкашон ҳамроҳ бо ман.
Чу сар биниҳодаме аз дарду нолиш,
Паи исташ ниҳодӣ гирдболиш.
Чу гаштӣ остонаш манзили ман,
Бинолидӣ дар аз дарди дили ман.
В-араш девона гаштӣ з-оҳи шабгир,
Фурӯ бастиш дарбонон ба занҷир.
Маро бахти бад аз кӯяш ҷудо кард,
Ба зиндони ҷудоӣ мубтало кард.
Дар ин чаҳ ҳамчу ман гар сад бимирад,
Паи шафқат касе дасташ нагирад.
Таноби меҳр меафтад дар ин чоҳ,
Вале натвон задан дасте дар он оҳ.
Қаманде гар зи бахти бад биҷӯям,
Таноби оҳ печад дар гулӯям.
Мани мискин паи ин ранҷу дурӣ
Намебинам давое ҷуз сабурӣ».

## БАРОМАДАНИ ОФТОБИ ТОЛЕИ ОН ТИРАШАБ ҲАМЧУН МОҲИ ЧОРДАҲ АЗ ТАНГОНИ ЧОҲИ НАХШАБ

Кунад ғамгин ин зиндони дилгир
Паи озодияш зангӯла тақрир,

Қи буд он тангдил ҳайрон дар он чоҳ,
Ба метине расидаш даст ногоҳ.
Ба сӯи он ки давлат кард оҳанг,
Бурун ояд ниҳоли бахташ аз санг.
Дар он соат, ки бо кас ёр шуд даҳр,
Зулоли Хизр гардад, гар хӯрад заҳр.
Шуд он метин зи дасти дастгираш,
Дар он шаб дод аз он шамъи мунираш.
Намегӯям заиферо асо дод,
Ба Мӯсои саноат аждаҳо дод.
Шуд аз сӯрохи метин Қӯҳкан шод,
Ба сӯяш равзане аз ғайб бикшод.
Гирифт он пораи пӯлод дар чанг,
Қи шамъе барфурӯзад з-оҳану санг.
Ба сӯи ганҷи ҳусн он кӯҳи андӯҳ
Ҳамон дам тарҳи нақб андохт дар кӯҳ.
Ба зӯри панҷа он пӯлодбозу
Ниҳодӣ санги беҳад дар тарозу.
Задӣ метин зи шавқ он оҳанинчанг,
Қушодӣ аз садои он дили санг.
Зи сӯзи синаи Фарҳоди мазлум
Гудозон буд кӯҳи хора чун мум.
Ҳамебуррид хора бо дили реш,
Қи ногаҳ кони лаъле омадаш пеш.
Қушод аз наштари метин раги санг,
Зи хуни лаъл дод он кӯҳро ранг.
Хироҷи оламе ҳар лаълпора,
Қи додӣ дастмуздаш кӯҳи хора.
Шудаш ҳар лаълпора шабчароғе,
Қи бахшид аз чароғ ӯро фароғе.
Зи оҳу нолаи ғамгини ношод
Сиришки лаъл кӯҳ аз дида бикшод.
Харошидӣ чу з-оҳан рӯи хора,
Фитодӣ лаълпора чун шарора.

Ба соле он гиёҳи дарду андӯҳ
Бурун овард сар аз пои он кӯҳ.
Либосаш он шикофи тираи санг,
Гиребон домани кӯҳи гаронсанг.
Шаҳиди ишқ сар баркард аз хок,
Чу лола ғарқи хун аз синаи чок.
Ҳамебурд интизор он ошиқи зор,
Ки нолад бо сагонаш дар шаби тор.
Ба оҳу нола мегуфт аз сари сӯз,
Чӣ бошад гар сар ой бар ман, эй рӯз?!
Туро, эй рӯз, беандоза шаб нест,
Гарат рӯзи ҷазо гӯям, аҷаб нест!
Чӣ рӯзӣ, нестат, ё раб, заволе,
Гузаштӣ бар мани бечора соле.
Зи чашмам, эй саводи шаб, ҷудой,
Куҷой, кӯҳли биной, куҷой?
Бувад бе шоми зулфи он паричеҳр
Ба чашмам мили оташ риштаи меҳр.
Магар тар буд ҳарфи шаб, ки афлок
Ниҳонаш кард зери тӯдаи хок.
Наёмад корвони шом аз шарқ,
Магар киштии маҳ дар об шуд ғарқ?
Ҳамоно нақшаи шаб буд бебаҳр,
Тарошидаш фалак аз сафҳаи даҳр.
Агар бигсаст аз ҳам силки айём,
Чаро ин рӯзро шаб нест анҷом?
Намеҷунбад зи ҷо хуршеди офоқ,
Магар шуд равғани ин нилгун тоқ?
Ниҳода бар раҳи шаб чашми хунрез,
Ки будаш рӯз бими ҷон зи Парвез.
Шабоҳангом, к-ин меҳри ҷаҳонгард
Зи чашми ину он худро ниҳон кард,
Ба фарьёду фиғон он булбули зор
Қафас бишкасту кард оҳанги гулзор.

Чу боди субҳ сӯи бӯстон шуд,
Ғубори остони дӯстон шуд.
Дар он кӯ ошиқи бечора ҳар шаб
Ба гӯши маҳ расонд овози «Ё раб».
Зи сӯзи меҳри он шамъи ҷаҳонсӯз
Задӣ парвона пар, то сар задӣ рӯз.
Чу барбастӣ замона маҳмили шаб,
Шудӣ дар чаҳ ба меҳри Моҳи Нахшаб.
Фаровон буд лаъли обдораш,
Рақам мезад бар он ҷо номи ёраш.
Чу кандӣ дар нигин он нақши мавзун,
Нишондӣ ёрро бар чашми пурхун.
Шудӣ ҳар шаб дар он кӯ ринду авбош,
Зи домон лаълрез, аз дида дурпош.
Зи лаъли қиматӣ бе меҳнату ранҷ
Ба дасти ҳар гадо афтод сад ганҷ.
Ба Хусрав гуфт Ширин, к-эй сарафроз,
Бибояд карданат таҳқиқ ин роз.
Ҳадиси лаъл гашта достоне,
Фитода чун забон дар ҳар даҳоне.
Кунун ҳар даст номашро нигин аст,
Ба нақшам ҳар гадое ҳамнишин аст.
Талаб карданд Шопури гузинро,
Ки эй доно, баён кун сирри инро.
Чунин фармуд донои хирадманд,
Ки ҷуз Фарҳод накшояд кас ин банд.
Бурун оред аз чаҳ Кӯҳканро,
Ки ӯ донад ҷавоби ин суханро.
Баровbooked аз он чоҳи амиқаш,
Давониданд то пеши рафиқаш.
Бигуфтандаш, ки эй марди ҳунарманд,
Ба ғайр аз ту касе накшод ин банд
Бигӯ бо мо, ки ин лаъл аз ҷӣ кон аст?
Кадомин дидаро ин хунчакон аст?

Кушод устоди донишвар забонро,
Ҳикоят кард яксар сирри онро.
Ҳунар овард берунаш аз он чох,
Ҳунар бинмуд рӯи дилбараш роҳ.
Бувад марди ҳунарварро ҳар ангушт
Калиде баҳри қуфли ризқ дар мушт.
Агар хоҳӣ, ки ҳаргиз дарнамонӣ,
Ба даст овар ҳунар, то метавонӣ.
Аз он дасте, ки н-ояд ҳеҷ коре,
Бувад бар тан аҷаб беҳуда боре.

### БОЗУ КУШОДАНИ ФАРҲОДИ ОҲАНИНЧАНГ БА ҶИҲАТИ АЗ РОҲ БАРДОШТАНИ ОН ХАРСАНГ

Мухотаб кард Хусрав Кӯҳканро,
Зи рӯи сарзаниш гуфт ин суханро:
«Биё, бигзар аз ин андешаи хом,
На оғоз аст ин раҳро на анҷом.
Бирав, дар гӯшае биншин, худоро,
Маранҷон беш аз ин худрову моро.
Надонам то ба кай беҳуда гардӣ,
Пушаймон нестӣ, з-онҳо, ки кардӣ?
Зи ту нодонтаре мушкил, кӣ бошад,
Ки з-ин сон сина беҳосил харошад?
Агар сад сол Ширинро барӣ ном,
Туро з-ин ном кай ширин шавад ком?
Кӯҷо, мӯру куҷо тахти Сулаймон?
Набандад шохи гул бо зоғ паймон.
Ҷаро дар хотир орад мурғи хона,
Ки бо тӯтӣ шавад ҳамошьёна?
Агар харчанг бар гардун ниҳад пой,
Набинад чашмаи хуршедро ҷой.
Ба булбул гар заған гардад ҳамовоз,
Кунад ҳангомаҳои хандаро соз.

Дар айбон курси маҳ натвон ниҳодан,
Бар он нон кай тавон дандон ниҳодан?
На дар ҳар ҳима афтад оташи Тӯр,
Насӯзад хору хасро шӯълаи нур.
Ки дар гӯши харон дурри самин кард?
Ки дар ангушти по ангуштарин кард?
Ба ҷинси худ бувад ҳар ҷинсро кор,
Дур афсар ҷӯяду释 хармӯҳра афсор.
Саре, к-ӯ лоиқи афсор бошад,
Гар афсар ҷӯяд, он бекор бошад!
Ту ҳам бояд, ки ҷинси худ биҷӯӣ,
Раҳи беҳуда ин чандин напӯӣ?
Ба зина кай тавон бар арш зад гом,
Ба оташ кай пазад андешаи хом?
Ба ғайри ҷинси худ парвона шуд ёр,
Аз он гардид оташро сазовор.
Бурун кун аз сари худ ин ҳавасро,
Муяссар кай шавад ин кор касро?»
Ба Хусрав гуфт он ғамгини дилтанг,
Ки эй тазйини тоҷу зеби авранг!
Зи як ҷинсанд чӣ дарвешу чӣ Ҷам,
Ҳама фарзанди Ҳаввоянду Одам.
Агарчи нест яксон лаълу хоро,
Паи корест ҳар як ошкоро.
Бувад гар зеби тоҷ аз лаълпора,
Зи баҳри фарш ҳам хуб аст хора.
В-агар шоҳини шаҳ баҳри шикор аст,
Кабӯтар ҳамтуфайли он ба кор аст.
Бувад гар тоҷ баҳри сарфарозӣ,
Бибояд кафш, гоҳи понавозӣ.
Агарчи қадри шаб аз нури бадр аст,
Суҳоро ҳам шаби дайҷур қадр аст.
Димоғатро гули тар гар бувад мушк,
Хуш аст аз баҳри оташ ҳам хаси хушк.

Ба чашми кам мабин дармондагонро,
Кӣ медонад баду неки ҷаҳонро?
Чӣ созӣ аз лагад уфтодаро паст?
Бигираш, гар тавонӣ, аз карам даст.
Зи гуфтугӯи ӯ Хусрав барошуфт,
Забон бикшоду ёронро чунин гуфт:
«Намегардад сухан дар пеши ин банд,
Ба қайди ишқ маҳкам карда пайванд.
Ниҳам санге аз ин пас дар тарозуш,
Ки оҷиз ояд аз вай зӯри бозуш.
Қашам дар зери бори Бесутунаш,
В-аз он кӯҳи гарон созам забунаш».
Зи дурҷи лаъл Хусрав қуфл бардошт,
Ки хуш ҷавҳаршиносе дар назар дошт.
Бигуфт: «Эй шерзӯру пилсадмат,
Бибояд карданат як навъ хидмат.
Бувад кӯҳе, ки моро садди роҳ аст,
В-аз он бисьёр кори мо табоҳ аст.
Дар он харсанг бояд кард роҳе,
Ки осон бигзарад з-он ҷо сипоҳе».
Чу кӯҳе Кӯҳкан бархост аз ҷой,
Ки — эй покизакирдору накӯрой,
Агар бардорам аз роҳи ту он кӯҳ,
Ту ҳам баргир аз ин дил кӯҳи андӯҳ.
Ба шарти он кунам ин ҷонсупорӣ,
Ки даст аз ҷони ширинам бидорӣ.
Чу бурд ӯ номи Ширин, шоҳ шуд заҳр,
Алам зад дар дарунаш оташи қаҳр.
Вале бо худ наёвард он суханро,
Ба ваъда роҳзан шуд Кӯҳканро.
Равон шуд сӯи кӯҳе он ҷигархун,
Ки мардум Бесутун хонандаш акнун.
Ба санъат баст кӯҳафган миёнро,
Камар бишкаст он кӯҳи гаронро.

Ба дасти Кӯҳкан хоро забун шуд,
Ҳар ангушташ сутуни Бесутун шуд.
Зад он девонаи саҳрои андӯҳ
Ба ҳар ҷо кӯҳҳо дар домани кӯҳ.
Зи метин кард сӯзан сеҳркорӣ,
Қашид аз пои кӯҳи хора хоре.
Ба суръат санг мебуррид Фарҳод,
Ки бандад рахна бар Яъҷуҷи бедод.
Чу пӯлод озмун кардӣ ба хора,
Задӣ дар олам оташ аз шарора.
Зи дастатешаи он кӯҳғайрат
Гирифтӣ дар даҳон ангушти ҳайрат.
Зи ҳар теша, ки мезад бегазофе,
Ҳамеафганд дар хоро шикофе.
Шикофи тешаи он кӯҳи андӯҳ
Даҳоне буд баҳри нолаи кӯҳ.
На кӯҳи хора он дилтанг меканд,
Ки қабри хештан дар санг меканд.
Набуд он кӯҳ, қабри Кӯҳкан буд,
Аз он ҳар пора сангаш ранҷи тан буд.
Ба дасти хеш бар санги мазораш
Рақам мекард ҳар сӯ нақши ёраш.
Ниҳода нақши Ширин пушт бар кӯҳ,
Чӣ ғам, гар Кӯҳкан мезад зи андӯҳ.
Зи баҳри қатли худ Фарҳоди бетоб
Зи гирья дода теғи кӯҳро об.
Фиганда панҷа дар ҳам он қавичанг
Фалохун карда, то дур афганад санг.
Хароши санг кардӣ сахтҷонӣ,
Ба кӯҳи хора гуфтӣ ҳар замоне:
«Гаронҷонӣ макун, эй кӯҳ, аз ин беш,
Сабукрӯҳӣ куну бархез аз пеш.
Дар ин меҳнат намеорад касам ёд,
Зи дасти бекасӣ фарьёд-фарьёд!

Зи дурри гӯшвораш байза дар бар.
Даҳонашро лаби нӯшин маи ноб,
Ба оби зиндагӣ парварда унноб.
Ба гирди маҳ зи меъҷар баста ҳола,
Шаби қадраш нуҳуфта дар гулола.
Сарандоз омадаш субҳу рухаш рӯз,
Зиҳӣ он субҳу рӯзи оламафрӯз.
Ба ёрон гуфт он шириншамоил,
Ки сӯи Бесутунам мекашад дил.
Саҳоби Бесутун хоҳам шуд имрӯз,
Ки бинам барқи оҳи он ҷигарсӯз.
Чу метинаш кунад дар хора пайкор,
Бувад, к-андар дили сангам кунад кор.
Занам дар Бесутун аз ноз гоме,
Ба кабки кӯҳ омӯзам хироме.
Раёҳинро кунам дар ҷилва помол,
Заминро моҳи нав бахшам зи халхол.
Ниҳам гаҳ лоларо бар сина доғе,
Гаҳе гулро барафрӯзам чароғе.
Гаҳе аз гул барорам хораро хор,
Замоне кӯҳро бар дил ниҳам бор.
Кунам аз наргиси мастонаи хеш
Ғизолонро саги девонаи хеш.
Саҳоби раҳмат омад ҷониби кӯҳ,
Гиёҳи ташна руст аз дарду андӯҳ.
Ҳумои лутфи он хуршедпоя
Бар он буми хароб афканд соя.
Чу он фарьёдрасро дид Фарҳод,
Давидаш пешу кард аз дард фарьёд.
Фитод аз шавқ дар пои самандаш,
Ки гардад хоки сарви сарбаландаш.
Забони узр бикшод аз сари сӯз,
Ки эй васлат шаби ҳаҷри маро рӯз.
Шудӣ дар кӯҳ ҷонамро тасалло,

Ба ғамза ҷонибаш кардӣ нигоҳе.
Замоне даст бар дӯшаш ниҳодӣ,
Ба таҳсин қуввати бозуш додӣ.
Навозишҳои беандоза кардаш,
Зи оби зиндагӣ ҷон тоза кардаш!
В-аз он ҷо кард сӯи қаср оҳанг,
Бимонд он ошиқи бечора дилтанг.
Гиребон пора кард ошуфтаҳоле,
Ки ё раб, хоб буд ин ё хаёле?
Чу моҳи ид, эй фархунда мақсуд,
Намудӣ деру рафтӣ аз назар зуд.
Рухат ороми ин ҷони ҳазин шуд,
Шабамро, ваҳ, ки субҳи аввалин шуд!

## ШИКАСТАНИ ТЕШАИ УМРИ ФАРҲОДИ МАҲЗУН АЗ ХОРҲОИ ХОРИСТОНИ БЕСУТУН

Гиребонпораи ин сӯги ногоҳ
Баровард аз сари дард инчунин оҳ,
Ки чун бар Бесутун Ширин гузар кард,
Рақибе рафту Хусравро хабар кард,
Ки Ширин, Кӯҳканро нӯши ҷон шуд,
Сӯи ӯ рафту рӯҳашро равон шуд.
Фуроте рафт сӯи ташнаҷоне,
В-аз он лабташнагӣ додаш амонӣ.
Чунонаш қуввате дод он вафокеш,
Ки осон кӯҳро бардорад аз пеш.
Аз он афсона Хусрав гашт бетоб,
Бигуфто, чун бар ин оташ занам об?
Яке гуфт аз надимон: «Эй ҷаҳондор,
Ба ин ҳила тавон растан аз ин бор,
Ки шахсеро фиристӣ сӯи Фарҳод,
Ки Ширин дарфитод аз аспу ҷон дод.

Чу домонаш аз ин дар хор ояд,
Шикасте бошадаш, дар кор ояд.
Бувад чун золи пир ин ҷо аҷузе
Сиёҳе, чашмкоже, пушткӯзе.
Фитода шӯрааш бар чеҳраи зишт,
Бад-он гуна ки барф афтад бар ангишт.
Бувад ҳар чашми сабзаш шишаи заҳр,
Зи заҳри чашми ӯ сад қатл дар даҳр.
Зи дандон бошадаш холӣ даҳоне,
Чу гӯри кӯҳнае беустухоне.
Лабу бинии он ҳармағзи фартут
Намудори лаби гӯр асту тобут.
Қадаш дор асту ҳар мӯяш каманде,
Ки беҷон гардад аз вай дардманде.
Зуҳал, к-омад ҷаҳонро наҳси акбар,
Бувад холе зи рӯи он бадахтар.
Зи пистонаш кунад дасти аҷал мушт,
Басеро кушт он мушти якангушт.
Ду шох омад ду пояш дарду ғамро,
Даре бикшода даҳлези адамро.
Бувад марги муфоҷо ҳамнишинаш,
Ниҳон дасти аҷал дар остинаш.
Паи маргаш либосе пӯш аз нил,
Равон куи сӯи он ғофил ба таъҷил,
Кӣ гӯяд аз ғами Ширин хурӯшам,
Зи баҳри мотами ӯ нилпӯшам.
Равон карданд сӯи нотавоне,
Ситамкорон балои ногаҳонӣ.
Фитодаш чун назар бар рӯи Фарҳод,
Зи сар меъҷар кушоду кард фарьёд,
Ки эй ғофил, чӣ кор аст ин, надонам,
Туро дар по чӣ хор аст ин, надонам?
Фитод он гулъузор аз пушти Гулгун,
Зи маргаш дидаҳо гардид пурхун.

Ту дар ҷон кандану ҷон дода ёрат,
Фитод аз бод сарви соядорат.
Қаташ таншӯю тобуташ маҳуффа,
Лаҳад гардидааш даҳлезу суффа.
Барад гар орзуи нолиши сабр,
Кунад андешаи лавҳи сари қабр.
Бувад чун турра ақраб бар ҷабинаш,
Ба коми мӯр бошад ангабинаш.
Зи баҳри бурдани дилҳо ба тороҷ,
Зи кофурӣ кафан созад сафед оҷ.
Пан сурхӣ, ки оройд узораш,
Баҳорон лола рӯяд аз мазораш.
Ба ҷуз хишти мазораш шонае не,
Вале он шонаро дандонае не.
Шавад гар моили халхол рояш,
Расад бар ҳалқаҳои мор пояш.
Чу бишнид ин сухан мискини ғамнок,
Гиребон пора карду синаро чок,
Ки эй бераҳму сангиндил, чӣ гуфтӣ,
Чӣ гул, эй хори навмедӣ, шукуфтӣ?
Фитад гар филмасал аз осмон санг,
Хӯрад бар пои марди оҷизи ланг.
Чароғи оҷизон мирад зи сарсар,
На заррин машъали хоқону қайсар.
Дареғо, он қади мавзун, дареғо,
Дареғо он қади гулгун, дареғо!
Дареғо, к-он даҳони хуштар аз нӯш,
Бувад ҳамчун даҳони ғунча хомӯш.
Дареғо, к-он ду чашм аз ноз монда,
Зи дидан ҳамчу наргис боз монда.
Зи дарди он ду наргис чун кунам, чун?
Зи ранҷи он ду лаб дил хун кунам, хун!
Ниҳон шуд он ду рух аз дида ногаҳ,
Дило, афсӯс, афсӯс, иллаҳ, иллаҳ.

Зи тарфи гулситон барбод шуд гул,
Зи ҳаҷраш чун наполад зор булбул?!
Ҷудо афтодам аз дилдори ҷонӣ,
Ҳаромам бод бе ӯ зиндагонӣ.
Зи сӯзи сина шамъи маҷлисорой,
Шуда хокистару Парвона бар ҷой.
Замоне мотами худ дошт Фарҳод,
Пас он гаҳ баркашид оҳеву ҷон дод!
Аз ин меҳнатсаро ғамгину маҳзун,
Диле пурдоғу ҳасрат рафт берун.
Ҷуз ин чизе нахоҳад чархи печон,
Ки гардад бедиле ҳар лаҳза беҷон.
Маи ишрат маҷӯ з-ин сарнагун ҷом,
Ки бошад шишаи хунрези ҳаҷҷом.
Қасе з-он қисса Ширинро хабар кард,
Чу бишнид он санам, рухсора тар кард!
Басе кард он вафоҷӯ беқарорӣ,
Басе бигрист чун абри баҳорӣ.
Хати нилӣ, ки бар рухсор будаш,
Зи оби дида Ниле менамудаш.
Сияҳ пӯшид зулфи анбаринаш,
Ки дорад мотаме андӯҳгинаш.
Зи ҳар сӯ холи нилаш, нилпӯше,
Ба марги талхкомӣ заҳрнӯше.
Гаҳе бигристӣ чун дардмандон,
Гаҳе ангушт бигрифтӣ ба дандон.
Гаҳе аз ғусса бар зону задӣ даст,
Гаҳе рухсора аз андӯҳ мехаст.
Зи наргис гаҳ суманро об медод,
Ба лӯълӯъ гаҳ рутабро тоб медод.
Ба хокаш дафн карду мотамаш дошт,
Даруни дил басе тухми ғамаш кошт.
Чу шуд Фарҳод дар пои аҷал паст,
Маҳинбону ҳам аз пай рахт барбаст.

Чу гашт аз марги ӯ огоҳ Ширин,
Қашид аз ғам суруде, к-оҳ мискин.
Гиребон пора карду рӯй барканд,
Зи сар меъҷар дариду мӯй барканд.
Баромад оташ аз дил, аз сараш дуд,
Ки он зан ҳам падар, ҳам модараш буд.
Маризи ранҷи мотам шуд дубора,
Шудаш ҷайби саломат пора-пора.
Ғубори ғам нишондаш гард бар гард,
Ғаму меҳнат ниҳодаш дард бар дард.
Зи шабгун ҷома зевар кард моҳе,
Ки оламро бувад чашми сиёҳе.
Паи хоби аҷал ороcташ маҳд,
Ба Арман бурд тобуташ ба сад ҷаҳд.
Дар ин раҳ хоҳ султон, хоҳ дарвеш,
Ба охир ақбаи марг оядаш пеш.
Дар ин саҳро, ки бӯи хуррамӣ нест,
Гиёҳе бебақотар з-одамӣ нест.
Уқобе дон фалакро одамихор.
Зи шакли моҳи нав бикшода минқор.
Паи парвоз кард аз Қаҳкашон бол,
Кушод аз панҷаи хуршед чангол,
Набошад ҳосили умрат ба ҷуз бод,
Манеҳ гар оқилӣ бар бод буньёд.
Ҷаҳон чун ту ҳазорон ёд дорад,
Бару ту ӯ басе з-ин бод дорад.
Ту гар бедонишӣ, в-ар зуфунунӣ,
Ба гоҳи чораи мурдан забунӣ.
Машав ранҷур баҳри буду нобуд,
Магӯ ин кор шуд дор, он дигар зуд.
Ба ҳар чиз аз қазо ояд, ризо деҳ,
Инони кор дар дасти қазо неҳ.
Дар ин гунбадсарои пурхаму печ
Агар сад қарн монӣ, оқибат ҳеҷ.

## НОМА НАВИШТАНИ ХУСРАВ БА ТАРИҚИ САРЗАНИШ ДАР ВАФОТИ ФАРҲОД БА ОН СИҲИСАРВИ НОШОД

Чунин зад хомаи муншӣ-гуҳарсанҷ,
Шикофи хомааш чун шуд дури ганҷ,
Ки чун Фарҳод мурд, аз ғусса Ширин
Ҷигар хун кард баҳри ёри дерин.
Ба Хусрав гуфт шахсе, к-эй филафрӯз,
Зи марги Кӯҳкан дорад басе сӯз.
Шуда аз оҳи сардаш ашк жола,
Кунад дарҳам зи жола барги лола.
Ғами Фарҳод дорад бекарона,
Бувад марги Маҳинбону баҳона.
Чу бишнид ин сухан, шуд хотираш реш,
Дабири хосро бишонд дар пеш.
Бигуфто: «Хома бардор, эй қаламзан,
Ба Ширин номае аз ман рақам зан.
Пас аз ҳамди худову холиқи кун,
Тирози хилъати мақсуд ин кун.
Мабош, эй нозанин ғамгину ношод,
Бақои умр бодат марги Фарҳод.
Махӯр чандин ғами беҳуда акнун,
Зи ғам хӯрдан наёмад ҳеҷ берун.
Даҳон бикшод ба оҳи оташангез,
Ки бигдозад шакар аз оташи тез.
Масоз аз нола дар мотам тарона,
Макун, гӯ, ракс ашки дона-дона.
Мазан аз гирья бар маҳ муштариро,
Макун озурда гулбарги тареро.
Чу шамъ аз дил машав оташфурӯзон,
Масӯз аз ғам в-аз ин бешам масӯзон.
Чу хоҳастӣ шудан шамъи мазораш
Чаро куштӣ ба сад зории зораш?

Гули зарде агар камшуд зи боғат,
Ҳазорон лола месӯзад, ба доғат.
Манеҳ сар бар сари зону ба зорӣ,
Макун, гӯ гардани ғам тавқи доре.
Агар бархост гарде з-остонат,
Бувад гарди суми Рахш осмонат.
Макун доғ аз тапонча рӯи маҳро
Мапӯшон, моҳи ман, холи сияҳро.
Ақиқе гашт агар ғоиб зи дурҷат,
Суҳайл омад ба меҳри дил ба бурҷат.
Ниҳон шуд гар сухо дар пардаи рӯз,
Бимонад офтоби оламафрӯз.
Хазон гар бурд, барги настаронро,
Бақо бодо сиҳисарви чаманро.
Макун ашк, эй баҳори ҳусн, борон,
Макун беоб наргисро баҳорон.
Басе кардӣ зи ҳар кас беқарорӣ,
Фурӯ нагзоштӣ ойини ёрӣ.
Ту гар з-ин сон азо дорӣ касеро
Ба мурдан майл хоҳад шуд басеро.
Тавон гар мурд пеши чун ту ёре,
Беҳ аз мурдан набошад ҳеҷ коре.
Мабош аз мурданаш з-ин гуна ранҷур,
Ба ёди мурда натвон рафт дар гӯр.
Ба мурда чунки натвон дод ҷонро,
Ғанимат дор боре зиндагонро.
Ту шаҳдӣ, ӯ магас, к-ӯро адаб нест,
Магас дар шаҳд агар мирад, аҷаб нест.
Ту сайёд омадӣ, ӯ сайди ношод,
Бимирад сайд пеши теғи сайёд.
Бувад ӯ чун тани фонӣ, ту ҷонӣ,
Равад тан, ҷон бимонад ҷовидонӣ.
Ту рӯзӣ, ӯ чароғи хештансӯз,
Чароғ он беҳ, ки набвад зинда дар рӯз.

Агар ӯ мурд, Ширин зинда бодо,
Сарири нозро поянда бодо!»
Чу фориғ шуд зи кори нома, хома,
Ба унвонаш мусаҷҷал гашт нома.
Супурдаш пас ба дасти тезгоме,
Ки Ширинро расон аз мо паёме.

## РАСИДАНИ НОМАИ ШАҲРИЁР БА ШИРИНИ ШАКАРГУФТОР

Чу Ширин номаи дилдорро дид,
Кушод, он ғунчаи пурхорро дид.
Саросар нешҳои нӯшпарвард
Паи озурдани дилҳои пурдард.
Фаровон аждаҳои заҳрошом
Ниҳода сатрҳои номааш ном.
Навишта узрҳои таънаангез,
Намуда лутфҳои қаҳромез.
Якояк дашнаҳоро тез карда,
Ҳама ҷуллоб заҳромез карда.
Ниҳон дар пунба оташҳои сӯзон,
Ки гардад баҳри ҷонсӯзӣ фурӯзон.
Баёзи нома, к-омад аз ғараз пок,
Намак мерехташ бар синаи чок.

## ҶАВОБ НАВИШТАНИ ШИРИН НОМАИ ПАРВЕЗРО ВА РАСОНИДАН БА ҶОМАШ ОН ҶУЛЛОБИ ЗАҲРОМЕЗ

Нигорин з-он киноятҳои ҷонсӯз
Чу хӯрд он тирпайконҳои дилдӯз,

Басе печид ҳамчун нома бар хеш,
Ниҳод он гаҳ давоту хома дар пеш.
Зи сунбул зеби барги настаран кард,
Ба Хусрав арзи ҳоли хештан кард,
Қи эй фармондеҳи авранги шоҳӣ,
Мутеи роят аз маҳ то ба моҳӣ.
Чу омад номаи сарбаста аз шоҳ,
Расондам рояти иқбол то моҳ.
Зи султон хондамаш хатти амонӣ,
Паи чашми бадон таъвизи ҷонӣ.
Чу бикшодам, сазои хеш дидам,
Ҳазорон неш бар ҳар реш дидам.
Набуд он номаи таҳкарда аз ёр,
Забоне буд дар вай таъни бисьёр.
Ғалат кардам, ки буд аз кина теғе,
Ки хунамро бирезад бедареғе.
Нагӯям теғ, к-аз баҳри асире
Кафан печида дарҳам дастгире,
Зи баҳри он ки сӯзи зарраи уд,
Нашояд инчунин ангехтан дуд.
Шавад озурда гулбарг аз насиме
Чӣ ҳоҷат буд тӯфони азиме?
Паи мӯре, ки аз мавҷаш равад ҳӯш,
Нашояд қулзуме овард дар ҷӯш.
Ҳубоберо, ки бишкофанд хона,
Набояд марду метин бекарона.
Қунӣ чун пашшаеро хона тороҷ,
Ба хайли пилзӯрон нест мӯҳтоҷ.
Ҳалоки ҷон чароғеро пуфе бас,
Чӣ ҳоҷат гирдбоди осмонрас?
Нарезад хуни теҳу кас ба шамшер,
Ғизолеро чӣ тоби панҷаи шер?
Бувад ҳарчанд бозуро шукӯҳе,
Кӣ бар шохи рутаб афганд кӯҳе?

## РАФТАНИ НАСИМИ САҲАРӢ БА ҶОНИБИ ЧАМАН, ҚИ МУАТТАР ГАРДАД МАШОМИ ҶОНАШ АЗ ШАМИМИ НОФАИ СУМАН БАР СИМАНДОМ

Чу омад пеши Хусрав номаи ёр,
Расидаш ғунчаи занбақ зи гулзор.
Шикоф овард чун дар нофаи мушк,
Димоғи ҷон шудаш аз бӯи он хушк.
Ҳама заҳри ҳалоҳил карда дар шир,
Ки Ширин баҳри катлаш карда тадбир.
Зи ишратҳои пешин ёдаш омад,
Басе ғам бар дили ношодаш омад.
Ҳавое гарм буду нимрӯзе,
Самуми гарму гармои тамузе,
Замин буд аз ҳарорат дар табу тоб,
Фалак аз тоби хур дар оташу об.
Набуд он Даҷлаву Ҷайҳун зи ҳар сӯй,
Заминро буд бар рӯй аз арақ хӯй.
Ба тарфи ҷӯйбор аз тоби хуршед
Дар об афганда худро сояи бед.
Зи гармо об дар рӯи замин буд,
Ҳубобаш қатраи хай бар ҷабин буд.
Дар об аз оташи хур мурғи обӣ
Ҳасад мебурд бар мурғи кабобӣ.
Наҷунбидӣ зи тобаш барг бар шох,
Чу он барге, ки бошад нақш дар кох.
Чинор аз иштиёқи бод пайваст
Гирифтӣ бодзанҳо бар сари даст.
Шаб аз ҳамсоягии рӯз дар тоб
Фишондӣ аз кавокиб бар рухаш об.
Дар он гармои саъбу сӯзиши рӯз
Равон шуд сӯи он моҳи дилафрӯз.
Зи дил бурда қарор он моҳчеҳраш,
Ду манзилро яке кардӣ зи меҳраш.

Ба рӯяш дар агар бандам раво нест,
Ки дар бар бахти худ бастан сазо нест.
В-агар орам дарун, маст асту беҳӯш,
Дарояд фитнаву ошӯб дар ҷӯш.
На рӯи он ки бигзорам дарунаш,
На рои он ки биншонам бурунаш.
На он қувват, ки паҳлӯяш нишинам,
На он тоқат, ки берӯяш нишинам.
Мани бечора ҳайронам дар ин кор,
Дуто шуд сарви озодам аз ин бор.
Яке гуфт аз надимон, к-эй вафоҷӯй,
Дар ин андешаам ин медиҳад рӯй.
Гаҳе гӯямш, ки Ширин бас табаҳ кард,
Зи роҳи дигар истиқболи шаҳ кард.
Фурӯд орем бо иззи тамомаш,
Ба ҷону дил намоем эҳтиромаш.
Чу ҳушьёрӣ нишонад садматашро,
Миён дарбанд он гаҳ хидматашро.
Бурун рафтанд ҳурони ҳисорӣ,
Ки дар хидмат кунандаш ҷонсупорӣ.
Чу гул бар каф табақҳои зари ноб,
Ба узри шаҳ шакаррезон зи унноб.
Зи бас дар пош афганданд гавҳар,
Зи бисьёрии гавҳар баҳр шуд бар.
Зи равзан он парирӯ дар назора,
Зи шавқаш ҷомаи ҷон карда пора.
Зи бими сарзаниш ғамгину маҳҷур,
Фурӯ мебурд оби ҳасрат аз дур.
Дар он манзил нигорин дошт боғе,
Ки бо он будаш аз ҷаннат фароғе.
Зи боғе шоҳиде, к-аз ҷон барад ҳӯш,
Зи меҳр оварда девораш дар оғӯш.
Зи рафъат бар фалак девор судаш,
Маҳи нав рахнаи девор будаш.

Дарахтонро дар он покизаманзил
Бимонда аз ҳавояш пой дар гил.
Зи соя мушкбедаш панҷаи мушк,
На мушки Чин, ки созад мағзро хушк.
Зи ҳар сӯ гулбунаш товуси пургул,
Ки будаш по сиёҳ аз бех сунбул.
Дар он ҷаннатсаро баҳри тарабҳо,
Ба ҳино баста ангуштон рутабҳо.
Чу шамъи сабзмаҳ озод серваш,
Ки бар сар буд чун оташ тазарваш.
Паи бозии тифли нахли навбар
Намуда байзаи рангин санавбар.
Ба як дигар чанор аз дилнавозӣ
Фиканда панҷа дар панҷа ба бозӣ.
Лаби ҷӯяш зи гулҳо гашта хандон,
Зиҳӣ он хандаву бинмуда дандон.
Зи баҳри нағмасанҷиҳои булбул
Кушода гашта ҳар сӯ дафтари гул.
Миёни боғу қасри ҷаннатойин
Шикаста қадри суратхонаи Чин.
Қашида то фарози арш айвон,
Фиганда соя бар болои Қайвон.
Ба пеши қаср ҳавзе буд зебо,
Зи лутфи мармараш девона дебо.
Зулолаш обрӯ гашта заминро,
Фиганда бар замин мои маинро.
Зи рашкаш монда кавсар бар ҷигар доғ,
Шуда ойина баҳри шоҳиди боғ.
Аз он зебанда ҳавзи булаҷабсоз
Ҷаҳонро дидаи равшан шуда боз.
Дар он олиравоқи оламафрӯз
Бигустурданд дебоҳои зардӯз.
Ба пойандозии масти сарандоз,
Ҳазорон атласу уксун шуда боз.

Ба обу гил зи роҳаш гард бурданд,
Тариқи хидматаш аз ҷон супурданд.
Дароварданд бо сад иззу нозаш,
Даруни манзар он дилнавозаш.
Димоғаш кард майли хоби нӯшин,
Ки будаш ранҷи бемории дӯшин.

### РАСИДАНИ ШОҲБОЗИ ТУҒРУЛШИКОР БА ҶАВЛОНГОҲИ ОН ЗЕБО ТАЗАРВИ ХУШРАФТОР ДАР МАЙДОНИ САЙДИ ЗЕБО АЗ ДОМИ ҲИЛАИ САЙЁДИ НОШИКЕБО

Нишотангези ин фархундахона
Чунин орост базми хусравона,
Ки шаҳ бедор гашт аз хоби нӯшин,
Хумораш аз шароби ноби дӯшин.
На сабраш дар дилу на ҳӯш дар сар,
Ниҳода чашм бар раҳ, гӯш бар дар.
Даромад нӯшлаб абрӯ кушода,
Ниқоби анбарин аз рӯ кушода.
Забони узрхоҳӣ шукрангез,
Лаб аз ширинзабониҳо шакаррез.
Замин бӯсиду бисьёре сутудаш,
Қанизона парастишҳо намудаш.
Забон бикшод, к-эй шоҳи ҷавонбахт,
Қавокиб мавкабат бод, осмон тахт!
Таолаллаҳ аз ин мискиннавозӣ,
Гадоёнро зи юмнат сарфарозӣ.
Чӣ сон ҳамхона шуд бо шоҳ пиле?
Чӣ сон дар кӯзае шуд рӯди Ниле?
Пас аз арзу ниёз он лӯъбати Чин
Муҳайё кард базме ҷаннатойин.
Навоҳо нағмасанҷон соз карданд,
Нишоти рафтаро овоз карданд.
Даромад ханда бар лаб соғари май,

Нишоту шодмонӣ ёвари вай.
Ҳарифон ҷоми гулгун баргирифтанд,
Ғам аз дилҳои пурхун баргирифтанд.
Такаллуф бурд чун май аз миёна,
Ҳавасҳоро муҳайё шуд баҳона.
Чунин кард орзу Хусрав саранҷом,
Ки аз ҳалвои ширин хуш кунад ком.
Чу Ширин дид аз ӯ он бевиқорӣ,
Рамид аз шер оҳуи тоторӣ.
Тазарви турфа кард оҳанги парвоз,
Ки бози тезпар будаш камисоз.
Чу шаҳро шуд фузун аз баҳри ӯ шавқ,
Зи дасташ хост дар гардан кунад тавқ.
Дар абрӯ кард қаҳру ноз дар чашм,
Забон бикшоду гуфташ аз сари хашм: —
На он нахлам, ки осон дар бар оям,
На он навбовани арзонбаҳоям.
На он мурғам, ки осонам кунӣ сайд,
На он сайдам, ки душворам бувад қайд.
Ман он мушкингизоли нозанинам,
Ки мар шери жаёнро дар каминам.
Манам он турфакабки кӯҳсорӣ,
Ки хандам бар уқобони шикорӣ.
Даҳонамро мабин чун писта хандон,
Ки бошад гоҳи қаҳр он бастадандон.
Каманди зулфи мушкин гоҳи хашмам
Бувад море, ки дорад заҳри чашмам.
Дури симинбуногӯшам, ки дар чанг
Бувад бар фарқи соҳибафсарон санг.
Хати нилирухам, к-ошӯби шаҳр аст,
Камони абрӯямро тири қаҳр аст.
Рухам чун оташи ғайрат фурӯзад,
Агар барқаъ бувад, з-оҳан бисӯзад.
На ангуштонам аз ҳиност гулгун,

Зи қатли халқ новакҳост пурхун.
Баёзи дидаам, к-аз сурма нозад,
Саросар рӯзи мардум тира созад.
Маҷӯ ком аз лаби лаъдам шитобон,
Қӣ дида каъба беранҷи биёбон?
Қасе оби Хизир осон наёбад,
Зи ғайбе кас ба бозӣ ҷон наёбад.
Нагӯй, к-аз ғами дил нотавонам,
Ки дар ҳиҷрон сабурӣ метавонам.
Агарчи меҳнати Яъқуб дорам,
Вале сабри дусад Айюб дорам.
Чаро андешам аз андӯҳи дурӣ,
Ки дорам бӯстонҳои сабурӣ?
Шаҳаншаҳ з-он турушрӯй нашуд тунд,
Нагашташ ҳеҷ дандони тамаъ кунд.
Кушод аз дурҷи гавҳар қуфли марҷон,
В-аз он оташ задаш сад шӯъла дар ҷон.
Ба зорӣ гуфт, к-эй ғоратгари дин,
Макун расму раҳи бедод ойин.
Набахшӣ меваи нахлам гар аз шох,
Мазан чӯби тарам аз шох густох.
Ба домат он тазарви ношикебам,
Ки дода донаи холат фиребам.
Чи заҳрам медиҳӣ чун нӯш дорӣ?
Макун девонагӣ, чун ҳӯш дорӣ!?
Зи ҳашмат мори гесӯ гар барад захр,
Вале аз мӯҳраи гӯшат диҳад баҳр.
Дури гӯшат на санг омад гаҳи кин,
Ки бар нахли қадат норест рангин.
Надорад оташи кин рӯят, эй ҳур,
Ки нахли Тӯр дорад шӯълаи нур.
Хати нилат набошад тири бедод,
Бувад боғи рухатро сарви озод.
Баёзи дидаат субҳи умед аст,

Қ-аз он шоми сияҳ равзан сафед аст.
Ҳар ангуштат зи ҳино шӯълаи нур,
Шаби ҳаҷрам ишорат карда аз дур.
Зи по биншин даме, ин саркашӣ чанд?
Замоне хуш баро, ин нох(в)ашӣ чанд?
Ба рӯз овар шабе бо хастаҳолӣ,
Чӣ хоҳад буд як шаб, нест соле.
Макун чандин ҷафо бар мустамандон,
Ки хубиро бақое нест чандон.
Гиреҳ бикшо зи абру в-аз ҷабин чин,
Даме лаъбе намо, эй лӯъбати Чин.
Зи ҷаврат ҷони ман ношод то кай,
Ба доди дил рас, ин бедод то кай?!
Макун танг ин дили беҳосиламро,
Бихандон ғунчаву бикшо диламро.
Набинӣ гарчи худ, озодсарвӣ,
Чу ман ҳам кам бувад зеботазарве.
Дар ин гулшан агар чун ту гуле нест,
Гулатро ҳамчу ман ҳам булбуле нест».
Шудӣ ҳарчанд сӯяш орамида,
Намешуд ром он мурғи рамида.
Ба зорӣ мурғи ваҳшӣ кай шавад ром,
Нагирад бод аз талбис ором.
Чу ҷон аз тан кунад оҳанги рафтан,
Чӣ сонаш боздорад ҳила аз тан?
Ба бозӣ рӯзро натвон нигаҳ дошт,
Ба гил натвон дари такдир анбошт.
Ба охир бор ҳашмолудаву тез
Бурун рафт аз ҳарими базм Парвез.

Зи қатли халқ новакҳост пурхун.
Баёзи дидаам, к-аз сурма нозад,
Саросар рӯзи мардум тира созад.
Маҷӯ ком аз лаби лаълам шитобон,
Кӣ дида каъба беранҷи биёбон?
Қасе оби Хизир осон наёбад,
Зи ғайбе кас ба бозӣ ҷон наёбад.
Нагӯй, к-аз ғами дил нотавонам,
Ки дар ҳиҷрон сабурӣ метавонам.
Агарчи меҳнати Яъқуб дорам,
Вале сабри дусад Айюб дорам.
Чаро андешам аз андӯҳи дурӣ,
Ки дорам бӯстонҳои сабурӣ?
Шаҳаншаҳ з-он турушрӯӣ нашуд тунд,
Нагашташ ҳеҷ дандони тамаъ кунд.
Кушод аз дурҷи гавҳар қуфли марҷон,
В-аз он оташ задаш сад шӯъла дар ҷон.
Ба зорӣ гуфт, к-эй ғоратгари дин,
Макун расму раҳи бедод ойин.
Набахшӣ меваи нахлам гар аз шох,
Мазан чӯби тарам аз шох густох.
Ба домат он тазарви ношикебам,
Ки дода донаи холат фиребам.
Чи заҳрам медиҳӣ чун нӯш дорӣ?
Макун девонагӣ, чун ҳӯш дорӣ!?
Зи ҳашмат мори гесӯ гар барад заҳр,
Вале аз мӯҳраи гӯшат диҳад баҳр.
Дури гӯшат на санг омад гаҳи кин,
Ки бар нахли қадат норест рангин.
Надорад оташи кин рӯят, эй ҳур,
Ки нахли Тӯр дорад шӯълаи нур.
Хати нилат набошад тири бедод,
Бувад боғи рухатро сарви озод.
Баёзи дидаат субҳи умед аст,

Ки-аз он шоми сияҳ равзан сафед аст.
Ҳар ангуштат зи ҳино шуъълаи нур,
Шаби ҳаҷрам ишорат карда аз дур.
Зи по биншин даме, ин саркашӣ чанд?
Замоне хуш баро, ин нох(в)ашӣ чанд?
Ба рӯз овар шабе бо хастаҳолӣ,
Чӣ хоҳад буд як шаб, нест соле.
Макун чандин ҷафо бар мустамандон,
Ки хубиро бақое нест чандон.
Гиреҳ бикшо зи абру в-аз ҷабин чин,
Даме лаъбе намо, эй лӯъбати Чин.
Зи ҷаврат ҷони ман ношод то кай,
Ба доди дил рас, ин бедод то кай?!
Макун танг ин дили беҳосиламро,
Бихандон ғунчаву бикшо диламро.
Набинӣ гарчи худ, озодсарвӣ,
Чу ман ҳам кам бувад зеботазарве.
Дар ин гулшан агар чун ту гуле нест,
Гулатро ҳамчу ман ҳам булбуле нест».
Шудӣ ҳарчанд сӯиш орамида,
Намешуд ром он мурғи рамида.
Ба зорӣ мурғи ваҳшӣ кай шавад ром,
Нагирад бод аз талбис ором.
Чу ҷон аз тан кунад оҳанги рафтан,
Чӣ сонаш боздорад ҳила аз тан?
Ба бозӣ рӯзро натвон нигаҳ дошт,
Ба гил натвон дари тақдир анбошт.
Ба охир бор ҳашмолудаву тез
Бурун рафт аз ҳарими базм Парвез.

## БАРГАШТАНИ ОН ХУСРАВИ СИКАНДАРҲАШАМАТИ ТАШНАЛАБ АЗ ЛАБИ ЧАШМАИ ЗИНДАГОНӢ ВА ПАРВОЗ КАРДАН ТӮТИВОР БА ҶОНИБИ ШАКАРИСТОН ШАКАРПОСБОНИРО

Пушаймонгаштаи ин тундиву хашм
Чунин ашки надомат рехт аз чашм,
Ки шоҳ аз рафтани Ширин барошуфт,
Ба алмоси мижа ёқут месуфт,
Ки Ширинро сари қаҳр аст бо ман,
Ба ҳар кас ангабин, заҳр аст бо ман.
Зи шамъи рух касонро маҷлисафрӯз,
Вале дар маҳфили ман хонумонсӯз.
Ба ҳар кас ғайри ман сидқу ниёз аст,
Чу омад навбати ман, кибру ноз аст.
Ба ваъда то каям аз пай давонад,
Раҳи беҳудаам то кай давонад.
Басе лабташна кардам ҷустуҷӯяш,
Надидам қатрае об аз сабӯяш.
Надонам то кай аз вай дур бошам,
Зи дурӣ то ба кай ранҷур бошам?
Надорам тоқати дурӣ аз ин беш,
Наёрам тоби маҳҷурӣ аз ин беш.
Дигар бо ман сари ёрӣ надорад,
Аҷаб, гар майли безорӣ надорад.
Сари ёрӣ агар будеш бо ман,
Чунин бар ман намеафшонд доман.
Ба ман ёр аз сари кин дар ситез аст,
Маро ҳам дар ситезаш теғ тез аст.
Ситеза гарчи сар то сар ғам омад,
Вале ҳам аз зане натвон кам омад.
Таҳаммул марди зиракрост даркор,
На чандон к-оварад беғайратӣ бор.
Ҳарифе, к-ӯ на хоҳони ту бошад,

Қами ӯ гир, агар ҷони ту бошад.
Марав дар пай касеро, к-аз ту баргашт,
Наёсой зи ёре, к-ӯ дигар гашт.
Нахоҳад гар маро ин чашми пурнур,
Буруи орам зи сар, андозамаш дур.
Насиби мо қазо оворагӣ кард,
Ки бо мо он санам якборагӣ кард.
Чунин маълум шуд андар Сипоҳон
Шакар номе бувад дархурди шоҳон.
Баҳори ҳусни он ширинишамоил
Кушояд дар даме сад ғунчаи дил.
Касе, к-аш оварад як шаб дар оғӯш,
Шавад аз хайли хубонаш фаромӯш.
Чунон гардад асири зулфу холаш,
Ки ғайри ӯ наёяд дар хаёлаш.
Буруи хоҳам барам аз ҷони ширин
Ба Шаккар талхии ҳиҷрони Ширин.
Сӯи мулки Сипоҳон борагӣ ронд,
Дили дармондаро якборагӣ монд.
Ба андак рӯзгоре дар Сипоҳон
Алам зад тоҷбахши подшоҳон.
Харидорон сӯи Шаккар фиристод,
Ба домани зар, ба мин гавҳар фиристод.
Ба сӯи Шаккар он ширинзабонон
Қадам карданд аз сар ҷонфишонон.
Ба манзилгоҳи Шаккар чун расиданд,
Зи ширинӣ ҷаҳоне нӯш диданд.
Зи шохи шаккаре шаккарситонҳо,
Бигӯям, дилбаре ороми ҷонҳо.
Қаде чун турфасарви ҷӯйборе,
Зиҳӣ, чун тозагулҳои баҳорӣ.
Зи дандону лаб он сарви гуландом
Шакар омехта бо магзи бодом.
Зи наргис оҳувонро сайд карда,

Ҳижабронро ба оҳу қайд карда.
Ба ёрӣ додани гесӯи пурхам
Даҳонаш тунги шаккар баста барҳам.
Чу диданд он ҳарифон нозанинро,
Ҳама суданд бар хокаш ҷабинро.
Саломи Хусраваш аз ҷон расонданд,
Пас он гаҳ дар санояш ҷон фишонданд.
Чу Шаккар номи шаҳ бишнид, бархост,
Замоне хешро з-он қавм дархост,
Ки як дам аз паи хидмат гар оям,
В-аз он пас шоҳро хидматгар оям.
Зи меъҷар сарвқадди хушхироме,
Ба сайди мурғи дил бикшод доме.
Зи марворид он дурри ягона
Зи доми меъҷараш бинмуд дона.
Зи сурхӣ лола бо насрин баромехт,
Зи мили сурма соқи наргис ангехт.
Ба абрӯ холи пешонӣ қирон дошт,
Фарози тоқи зоғе ошьён дошт.
Занахдон дар сафедоҷаш нуҳуфта,
Гули себи сипоҳонӣ шукуфта.
Ба тарфи кавсар он сарви гуландом
Салогӯён ниҳод аз холи лаб ҷом.
Шуд аз дастинааш моҳи нав аз даст,
Зи дурри гӯш қадри лаъл бишкаст.
Зи акс ойинаи ҷон дод рӯяш,
Забони шона гӯё шуд ба мӯяш.
Зи ҳино кард пой он шӯхи гулранг,
Ки орад пои кабки кӯҳ дар санг.
Хиромиш кард бас зеботазарве,
Қ-аз он оташ занад дар ҷони сарве.
Чу нукли маҷлиси Хусрав Шакар шуд,
Аз ӯ коми муродаш талхтар шуд.
Фузун шуд талхии заҳри фироқаш,

Шакар ширин намояд дар мазоқаш.
Ба сӯи маҳрамон рӯ кард Парвез,
Лабе шаккаршикан, чашме гуҳаррез,
Қ-аз ин савдо набинам ҳеҷ суде,
В-аз ин оташ нахезад ҳеҷ дуде.
Нашуд хурсанд аз Шаккар дили ман,
В-аз ӯ мушкил шавад ҳал мушкили ман.
Маро дил аз таби ғам нотавон аст,
Шакартабкардаро нуқсони ҷон аст.
Диле, к-аз ҳаҷри ёре шуд мушавваш,
Ба васли ёри дигар кай шавад х(в)аш?
Ду чашмам бар Шакар, дил сӯи Ширин,
Танам ин ҷову ҷон дар кӯи Ширин!
Зи Ширин он чӣ дидам, дар Шакар нест,
Зи хуршед он чӣ бинам, дар қамар нест.
Яди байзо на дар ҳар остин аст,
На дар ҳар нофи оҳу мушки Чин аст.
Агар ҳар кавкабе бадре намудӣ,
Қамарро бар фалак қадре набудӣ.
На ҳар лахте зи абр омад гуҳарбор,
На ҳар шохи нае орад шакар бор.
На ҳар рухсораи рангин барад дил,
На ҳар гесӯ ниҳад бар ҷон салосил.
На дар ҳар лаб ҳавоси ҷонфишонист,
На дар ҳар чашма оби зиндагонист.
На ҳар рангу сафое дил рубояд,
На ҳар меҳру вафое дил кушояд.
Бувад дар ҳусн оне, к-он барад дил,
Ба он бошад дили девона моил.
Ҳазорон шева бояд он париро,
Ки шояд дилдиҳиву дилбариро.
Ба Шаккар бохтӣ ишқ аз такаллуф,
Зи кори хештан хӯрдӣ таассуф.

## ПАЖМУРДА ШУДАНИ ОН ТОЗАГУЛИ БЎСТОНИ ЗЕБО АЗ БЕЭЪТИДОЛИИ САМУМ ВА ДУОИ НОШИКЕБОЙ

Кунад бемори ин кунҷи сабурӣ,
Чунин оҳу фиғон аз ранҷи дурӣ,
Ки чун Ширин ҷудо шуд з-он паричеҳр,
Алам зад дар дарунаш оташи меҳр.
Гиребон пора карду зор бигрист,
Ки, аллоҳ, чун кунам, дармони ман чист?
Зи кори худ пушаймониш будӣ,
Набудӣ з-он пушаймониш суде.
Ба ёди рўи ў рафтӣ сўи боғ,
Ки бандад марҳами гул бар сари доғ.
Ба бўи оразаш дидӣ суманро,
Ба он машғул кардӣ хештанро.
Гаҳе кардӣ назар дар зулфи шамшод,
Ки аз зулфи нигорам медиҳӣ ёд.
Гаҳе дар домани гул мезадӣ даст,
Ки бар рўи ту гарди домане ҳаст.
Ба сўи ғунча медидӣ замоне,
Ки медодаш нишоне аз даҳоне.
Сўи наргис назар мекард гоҳе,
Ки дорад шеваи чашми сиёҳе.
Бипурсидӣ гаҳе аз лолаи боғ,
Ки аз сўзи кӣ дорӣ бар ҷигар доғ?
Гаҳе гуфтӣ санавбарро ба зорӣ,
Ки бар дил ин карамҳо аз кӣ дорӣ?
Ба қумрӣ гоҳ гуфтӣ, к-эй шағабнок,
Гиребони ту аз дасти кӣ шуд чок?
Гаҳе аз балбала май даркашидӣ,
Чу булбул гоҳ афғон баркашидӣ.
Ба мурғони навогў роз гуфтӣ,

Ҳадиси бенавоён бозгуфтӣ.
Чу чашми масти худ бемор гардид,
Ба сони ошиқи худ зор гардид.
Ба охир кард сӯзи дил забунаш,
Алам зад оташи таб дар дарунаш.
Забонаш шӯълае аз оташи таб,
В-аз он оташ ду лаъли оташин лаб.
Лаби нӯшинаш аз табхола бетоб,
Фурӯ рафта магас дар ҷоми ҷуллоб,
Рухи коҳӣ, тани чун коҳи он моҳ
Нишони каҳрабо доду пари коҳ.
Тани пуробила бемори зоре
Қарамҳо дида беандоза боре.
Занахдон дар хаи таб зарду бетоб,
Шуда себи зақан обӣ паи об.
Табибон монда оҷиз дар илоҷаш,
Намебурданд раҳ сӯи мизоҷаш.
Ба ҷон омад дилаш аз ранҷу дурӣ,
Намондаш тоқати бори сабурӣ.
Ба охир хастадил Шопурро хонд,
Навозиш карду назди хеш биншонд,
Ки Хусравро расон аз мо паёме,
Расонаш аз забони мо саломе,
Ки ё раб, он ҳама ёрӣ куҷо шуд?
Раҳу расми вафодорӣ куҷо шуд?
Дареғо, он чунон аҳде, ки бастӣ,
Чу зулфи хештан охир шикастӣ.
Гарат маъшуқаи нав дилпазир аст,
Зи ёрони кӯҳан ҳам кай гузир аст?
Зи шаҳди лаб диҳад гар Шаккарат нӯш,
Макун аз шаккари Ширин фаромӯш.
Нашояд ҳар замон ёре гирифтан,
Зи нав ҳар лаҳза дилдоре гирифтан.
Чаро лофад касе аз ишқ боре,

Ки дар дил ояд аз ёраш ғуборе.
Зи ошиқ нозу зебоӣ на зебост,
Ба раъноӣ наёяд ошиқӣ рост.
Қамарбандон туро гар бешуморанд,
Маро ҳам ғамзаи ханҷар гузоранд.
Агарчи даргаҳат ҷои сарон аст,
Басе сарҳо маро бар остон аст.
Туро гарчи бутони дилфиребанд,
Ҳазорон дилфиребам ношикебанд.
Туро Шаккар агарчи нӯши ҷон аст,
Лаби ширини ман шаккарфишон аст.
Даҳон чун ғунчаи тар дилфурӯзам,
Яке нашкуфта аз сад гул ҳанӯзам.
Ҳанӯзам зулфи мушкин тобдор аст,
Ҳанӯзам лаъли нӯшин обдор аст.
Ҳанӯзам ғамзаҳо ошӯби ҷонанд,
Сафи мижгони хунрезам синонанд.
Ҳанӯз аз мӯи ман сунбул занад тоб,
Ҳанӯз аз рӯи ман насрин барад об.
Лаби кавсар дуогӯи лаби ман,
Маҳи нав тавқдори ғабғаби ман.
Даҳонам ғунчаро дилтанг дорад,
Зи дардам лаъл бар дил санг дорад.
Асири оҳуяш шери шикорӣ,
Ғуломи гесӯям мушки таторӣ.
Зи дилҳо лашкаре в-аз ман нигоҳе,
Зи чашмам ғамза в-аз ҷонам сипоҳе.
Ақиқи обдорам ҷовидонӣ,
Ба оби Хизр бахшад зиндагонӣ.
Баёзи чашми мастам дилпазир аст,
Ҳанӯз оҳубара лаб тар зи шир аст.
Бувад холи занахдон дилфиребам,
Намуда аз латофат дона себам.
Ҳанӯзам моҳрух гетифурӯз аст,

Чароғи оразам парвонасӯз аст.
Хабарбар назди Хусрав чун хабар бурд,
Аз он шаҳ дурбоше бар ҷигар хӯрд.
Зи шавқи зулфу холаш кард фарьёд,
Ки омад пилро Ҳиндустон ёд.
Равон гардид сӯи ёри дерин,
Ки ёбад ком аз ҳалвои Ширин.

### ҚИРОН КАРДАНИ МОҲИ ОСМОНСАОДАТ БА ЗӮҲРАИ ХУҶАСТАТУЛӮЪИ СИПЕҲРИ ЛАТОФАТ

Арӯсорои кохи арҷмандӣ
Кунад з-ин сон бинои ақдбандӣ,
Ки шоҳ аз ҳоли Ширин чун шуд огоҳ,
Расид ашкаш ба моҳӣ, оҳ то моҳ.
Ҳавои ёр беш аз пеш будаш,
Қарор аз ҷону сабр аз дил рабудаш.
Ҳамон дам кӯси реҳлат баст бар пил,
Равон шуд ҷониби Бардаъ ба таъҷил.
Расид он ҷо зи баъди чанд рӯзе,
Диле сӯзон зи меҳри синасӯзе.
Табиби рӯҳбахши исавидам
Илоҷи хаста кард аз юмни мақдам.
Нигорин зинда гашт аз нав ба бӯяш,
Ки оби рафта бозомад ба ҷӯяш.
Дар ин гунбадсарои пурфасона
Бувад ҳар меҳнату ғамро карона.
Ғаму дарди ҷаҳон кай ҷовидонист?
Замоне ғам, замоне шодмонист.
Нагардад зард аз вай сабзазоре,
Ки сарсабзӣ набинад аз баҳоре.
Агарчи шодии олам намонад

Чаро кас ғам хӯрад, ғам ҳам намонад.
Надидӣ ғайри он Хусрав салоҳаш,
Қи орад нозанинро дар никоҳаш.
Ба номи нек гардад ҳамдами ӯ,
Ба расми акд бошад маҳрами ӯ.
Чу бошад ҳамнишин ҷуфти ҳалолаш,
Ҷудоӣ раҳ наёбад дар хаёлаш.
Бинои Меҳрбонуи ҳисорӣ,
Зи сими меҳр ёбад устуворӣ.
Сарони хайл дар маҳфил нишастанд,
Ба расми сарваронаш акд бастанд.
Асоси шодмонӣ соз карданд,
Ба рух дарҳои шодӣ боз карданд,
Зи ҳар сӯ хозинони ганҷпаймой
Зи ҷинси дастпаймон маҷлисорой.
Шутурҳо зери бори лаъли рахшон,
Зи кӯҳон ҳар яке кӯҳи Бадахшон.
Ҳазор уштур ҳама дар зери мафраш,
Пур аз аксуну дебои мунаққаш.
Хитоизодагони моҳпайкар,
Қамарҳои мурассаъ ханҷари зар.
Гурӯҳе зангиёни анбаринфом,
Қ-аз эшон карда анбар рангу бӯ вом.
Абиру мушк аз хирман фузун буд,
Ҷавоҳиртӯдаҳо аз ман бурун буд.
Чу шаҳро дод васли дӯстиш даст,
Аморӣ бар ҳаюни тезрав баст.
Асоси хусравӣ тартиб кардаш,
Ба дорулмулки худ тарғиб кардаш!
Ба ойин бастани шаҳри Мадоин
Кушод аз ҳар тарф дар бар хазоин.
Ҷаҳони кӯҳнаро додӣ навӣ боз
Зи нақши коргоҳи Монавӣ соз.
Дару девор аз аксуну дебо,

Чу гулзори Ирам гардид зебо.
Гузарҳоро абиролуд карданд,
Гулобафшону мушкандуд карданд.
Расонд онгаҳ мунодигар мунодӣ
Ба гӯши сокинони шаҳру водӣ,
Қи ғайр аз содарухсорони мавзун
Наёяд кас ба истиқбол берун.
Зи ҳар ҷониб сиҳисарвон хиромон,
Ба раъной кашон аз ноз домон!
Ҳазорон андалебовози гулрӯй
Зи ҳар сӯ нағмапардозу навогӯй.
Зи оташнокрӯёни пурозарм
Шуда ҳангомаҳои дилбарӣ гарм.
Расонидаш сару сархайли он аср,
Ба ҳашматҳои шоҳӣ то дари қаср.
Ба қаср омад дарун зебосириште,
Қадам зад ҳурзоде дар биҳиште.
Нишаст он шоҳи гетӣ хурраму шод,
Ба май хӯрдан салои хусравӣ дод.
Ҳарифон соғари май баргирифтанд,
Нишоту хушдилӣ аз сар гирифтанд.
Гул афшонданду май дар ҷом карданд,
Узори соқиён гулфом карданд.
Баромад нолаи чангу чағона,
Тараннумҳои мутриб шуд баҳона.
Парипайкар даруни ҳуҷлаи ноз
Ба гирдаш саф зада хубони танноз.
Саросар ғунчаҳои ношукуфта,
Ҳама дар пардаи исмат нуҳуфта.
Расида лолаҳо ҳар як зи боғе,
На лола, балки ҳар як шабчароғе.
Яке аз тукмаи зебои зардӯз
Пур аз мева ниҳоли хотирафрӯз.
Якеро Муштарӣ овезаи гӯш,

Якеро атласи гардун сароғӯш.
Яке фаррухҳумои нозанине,
Зи ҳар сӯ гашта болиш остине.
Яке аз ҳусни рӯю лутфи меъҷар
Фишонда настаран бар сунбули тар.
Яке моҳе, зи нуқсон лек холӣ,
Надида бадри рухсораш ҳилолӣ.
Дар он маҷлис нигорин шамъ гашта,
Банёоту Зӯҳра бо ҳам ҷамъ гашта.
Яке машшотаи шириншамоил
Нишаста пеши он мушкинсалосил.
Ниҳода ташти зар пеши суманбар,
Зиҳӣ он турфа ҳуру тарфи кавсар.
Зи мӯяш шона зер омад ба сад зеб,
Чу айёре, ки ояд аз расан шеб.
Зи сурхӣ рехт бар гул арғувонро,
Ба сурма кард мушкин оҳувонро.
Ду тоқи нилгун аз вусма бикшод,
Сипеҳри ишваро қавсу қузаҳ дод.
Гиреҳ бар зулфи мушкин баст он моҳ,
Баҳори ҳуснро шаб кард кӯтоҳ.
Гирифт ойина бар каф он паричеҳр,
Баробар шуд зи акси моҳ бомеҳр.
Зи шарм ойинаро ғарқи арақ кард,
Гули рухсори худро бар табақ кард.
Паи побӯси моҳи анбаринхол
Саросар шуд даҳон зарринахалхол.
Зи ҷаъдаш сунбули тар монда дар тоб,
Зи лаълаш ғарқи хун гардида уннобб.
Ба шаккарханда Ширини шакарханд
Шикаста қадри шаккар, қимати қанд.
Бад-ин ойин нигори нозпарвар
Нишаста бар бутони даҳр сарвар.
Даромад шаҳриёр аз бода сармаст,

Бути таннозро биншонду биншаст.
Бисоти хусравиву ҷоми Ҷамшед,
Дар он манзил кирони моҳу хуршед!
Нишаста бар муроди хеш довар,
Шуда маъшуқа ёру бахт ёвар.
Зи васли ёри ҷонӣ хурраму шод,
Аламҳои фироқаш рафта аз ёд.
Ба даст он зулфи анбарфом будаш,
Аҷаб море ба афсун ром будаш.
Гаҳе додӣ зи бӯса доди дилро,
Гирифтӣ дар бар он моҳи Чигилро.
Ба Ширин шоҳро шуд иштиҳо тез,
Ки буд он шаҳди нӯшин рағбатангез.
Надид он шаб салоҳи кори Ширин,
Ки бардорад зи дурҷаш мӯҳри дерин.
Зи баҳри он ки Хусрав буд беҳуш,
Шудӣ дур суфтанаш фардо фаромӯш.
Хӯрад чун пистае масти сарандоз,
Надонад пистаи лабро даҳан боз.
Ба гоҳи хоб моҳи фитнаангез
Бурун омад даме аз пеши Парвез,
Зи ҳамзодони он моҳи шакарханд
Ба он симингузоре буд монанд.
Дар ӯ пӯшид яксар зевари хеш,
Фиристодаш ба сӯи дилбари хеш.
Шаҳаншаҳ буд аз май масту бетоб,
Яке дар пеши ӯ шаҳтуту уннob.
Ба уннобе равон шаҳтутро хӯрд,
Нашуд фаҳмаш, ки он соф асту ин дурд.
Саҳар, к-аз хоби мастӣ чашм бикшод,
Сухан пурсид аз он шӯхи паризод.
Чу гашт он тӯтии гӯё сухансоз,
Ба ҷой овард филҳолаш зи овоз.
Аз он маънӣ басе Хусрав барошуфт,

Нигорин буд ҳозир дар бараш гуфт.
Даромад дар сухан дилдор бо ӯ,
Ҳикоят кард сирри кор бо ӯ.
Басе з-он қисса хушдил гашт Хусрав,
Фитодаш дар дил аз вай меҳре аз нав.
Ба оғӯшаш даромад он суманбар,
Ниҳоли нозро овард дар бар.
Шудӣ коми дилаш з-он турфа бӯстон
Гаҳе себи зақан, гаҳ нори пистон.
Ба зери синаи бози шикорӣ
Тапид он турфа кабки кӯҳсорӣ.
Қашидаш нифаву бикшод нофа,
Ба шер оҳуи мушкин дод нофа.
Зад ангушташ чунон бар лаъли майгун,
Ки гардидаш сари ангушт пурхун.
Кушодаш дар ҳарими ноз равзан,
Қашидаш ришта дар сӯфори сӯзан.
Чу мили сурма шаҳ дар сурмадон кард,
Аз оташ равшанӣ дар чашми ҷон кард.
Чу гашт он ғунчаи раъно шукуфта
Ба коми дил дури сероб суфта.
Фишонд абри ҷавонмардиш чун дур,
Шуд аз дурдонаҳо симинсадаф пур.
Фарози бистари аксуну дебо,
Ҳамоғӯш омаданд он ҳарду зебо.
Ниҳода сина бар сина ду дилбар,
Ба ҳам омехта чун ширу шаккар.
Хизир баҳри ҳаёти ҷовидонӣ
Ниҳода бар лаб оби зиндагонӣ.
Аз он беҳтар набошад ҳеҷ коре,
Ки ёре коми дил ёбад зи ёре.
Чу чашм аз хоби нӯшин боз карданд,
Ҳамон ойини дӯшин соз карданд.
Наёсуданд аз ишрат замоне,

Намедиданд аз он савдо зиёне.
Замоне бар лаби Шоҳрӯд буданд,
Ба савти ӯду лаҳни рӯд буданд
Гаҳе доманкашон дар домани дашт,
Ба бонги чанг мекарданд гулгашт.
Даме бе мутрибу соғар набуданд,
Замоне бе рухи дилбар набуданд.
Нишаста бар муроди хеш Парвез,
Ба Ширини шакарлаб ишратангез.
Ба ғайр аз лаъли ширинаш ҳавас не,
Бараш ҷуз соқиву қаввол, кас не.
Зи кори подшоҳӣ гашта хурсанд,
Ба ҷоми бодаву ширинлабе чанд.
Зи кори мамлакат будаш фароғе,
Ҳарифе чанд ҷусту кунҷи боғе.
Шуда ойини адлу додаш аз ёд,
Зи бедодӣ мамолик рафта барбод.
Вазире буд шаҳро зулмпеша,
Ситам андешааш будӣ ҳамеша.
Қалиди мамлакат дода ба дасташ,
Сарони сарваронро карда басташ.
Халоиқро ба ӯ муҳтоҷ карда,
Зағанро чира бар дурроҷ карда.
Шуда занҷири адли он накӯрой,
Ба даври зулми ӯ завлонаи пой.
Фароғат баста рахт аз мулки Эрон,
Шуда ҳам русто ҳам шаҳр вайрон.
Сипоҳиву раият ҳар ду ношод,
На он инъоми шаҳ дида на ин дод.
Рама саргашта дар дашту шубон не,
Шуда дар кох бозу посбон не.
Сарони мулк аз ин бетоб буданд,
Зи ғусса бехӯру бехоб буданд.

## НОМА ФИРИСТОДАНИ РАСУЛ БА НАЗДИ ХУСРАВ ВА ПОРА КАРДАНИ ХУСРАВ НОМАИ ОН ҲАЗРАТ САЛААЛЛОҲУ АЛАЙҲ ВА САЛЛАМРО

Хазон чун турктоз овард дар боғ,
Ҳарими боғ шуд ҳангомаи зоғ.
Зи сарсар баргҳо аз шох резон,
Шуданд аз чӯби тар тифлон гурезон.
Зи коҳиш гашта коҳе ранги норанҷ,
Аҷал паймона пур кардаш аз он ранҷ
Ба хок афтод себи олу гулгун,
Чу сарҳои шаҳидон ғарқа дар хун.
Беҳ аз пунба кафан печид дар бар,
Ниҳон шуд дар шукуфа бори дигар.
Анор аз оташи дил гашт беҳол,
Зи хуне обила шуд ҷомааш ол.
Хати сабзи чаман, к-он буд дилҷӯй,
Шуд аз ранҷи хазон ранги лаби ҷӯй.
Шуда хорои об аз бод хора,
На он хора, ки гардад пора-пора.
Намонда гулбуне бар тахти Ковус,
Намуда хорпушт он турфа товус.
Вазон боди хазон ҳар ҷонибу з-он
Шуда дасти чинор аз раъша ларзон.
Арӯсони раёҳин хуфта дар хок,
Санавбар монда дил пурхуну ғамнок.
Фитода арғувон дур аз таҷаммул,
Сияҳ пӯшида баҳри мотами гул.
Зи мафраш хок наргис кард болин,
Муталлокосааш гашта сафолин.
Ба ишрат Хусраву Ширин дар ин фасл,
Ду ошиқро муяссар давлати васл,
Ки омад қосиде аз роҳи Мағриб,
Ба дасташ номае аз шоҳи Ясриб.

Ҳидоятномае айни иноят,
Иноятномае маҳзи ҳидоят.
Набудаш номаи печида дар мушт,
Ки аз баҳри шаҳодат дошт ангушт.
Расида аз кафи Мӯсо асое,
Ба қасди хасми беҷон аждаҳое.
Ба дасти Хусрави Парвез додаш,
Гирифт аз рӯи истиғно кушодаш.
Чу бар коғаз назар андохт Парвез,
Басе дар чашмаш омад ҳайбатангез.
Дабири сеҳримло карда созаш,
Ба номи эзиди бечун тирозаш.
Пас аз ҳамду саноӣ холиқи пок
Мувашшаҳ гашта аз маншури лавлок.
В-аз он пас нуктаҳои дилкаши нав
Ҳама дар мидҳату алқоби Хусрав,
Ки султон бинни султон бинни султон
Сари гарданкашони мулки Эрон,
Агар донишвару фархундарой,
Ба дини Аҳмади Мурсал дарой.
Сӯи ислом ой, аз куфр шав дур,
Бипӯшон чашм аз нору бубин нур.
Қамар дар хидмати шоҳи араб банд,
Машав дар ҷаҳди худ чун Бӯлаҳаб банд.
Фитад гар ин сухан аз мо писандат,
Кунад халлоқи бечун арҷмандат.
В-агар бо мо набандӣ аҳду паймон,
Басе аз кори худ гардӣ пушаймон.
Машав ғурра ба хайли бешуморат,
Ки дар рӯзи аҷал н-ояд ба корат.
Набинӣ аз сипоҳи беҳадат авн,
Қиёси хеш кун аз хайли Фирьавн.
Зиреҳпӯши Аҷам гар бешумор аст,
Арабро найзаҳо ҷавшангузор аст.

Чу хонд он номаро, дид он бадандеш
Ваъиду ваъда дар вай аз адад беш.
Зи хашм он нобакори нохирадманд
Дарид он нома, пеши қосид афганд:—
Ки дар олам ҷӯдой нест касро,
Ки дар дил бигзаронад ин ҳавасро.
Нагунҷад номи ман дар ҳар даҳоне,
Наёрад кард зикрам ҳар забоне.
Маро қайсар ғуломи камтарин аст,
Ки ҳамбозуи ман хоқони Чин аст.
Арабро дар сар ин андеша аз чист?
Бигӯ, омӯзгор он қавмро кист?
Сӯи қавми араб гар орам оҳанг,
Бар эшон дашти Батҳоро кунам танг.
Қашам дар кинашон теғи ғазабро,
Зи хун Ҷайҳун кунам бирри Арабро.
Чаро саҳронишинро дар дил ояд,
Ки қасри зарнигораш манзил ояд.
Миёни гулшану тарфи шақоиқ,
Чарогоҳи шутурро нест лоиқ.
Басе он беадаб тарки адаб кард,
Фаровон таъна бар аҳли араб кард!
Чу марг оташ занад, дар бешаи кас,
Хато бошад ҳама андешаи кас.
Чу гардад тира рӯзу рӯзгорат,
Наёяд машъали дониш ба корат.
Дар он соат, ки чашми бахт шуд кӯр,
Падида зулмат ояд партави нур.
Зи Марьям буд шаҳро талхгӯе
Аз ин девонатабъи тундхӯе.
Ниҳода осмон Шерӯя номаш,
Ба Қайсар мешудӣ нисбат тамомаш.
Ниҳон хасми падар он мурдамодар,
Ки дидӣ моилаш бо модарандар.

Сарони мулк гуфтандаш ниҳонӣ,
Ки эй сармояи амну амонӣ!
Намонда шоҳро парвои шоҳӣ,
Ниҳода мамлакат рӯ дар табоҳӣ.
Надорад ҷуз маю маъшуқ коре,
Занеро баргузида аз диёре.
Бар ин дастур агар чанде барояд,
Мамолик бар ваю бар мо сар ояд.
Мухолиф чунки донист ин сабабро,
Тамаъ дар мулки Эрон шуд Арабро.
Бибояд кард фикри хеш моро,
Бувад бадақбае дар пеш моро.
Даво ин аст, к-аз шамшери хунрез
Бирезӣ дар ҳамин дам хуни Парвез,
Ки гар воқиф шавад з-андешаи мо,
Зи кин оташ занад дар бешаи мо.
Туро ҳар чӣ писанд афтад, писандем,
Ба ҷон дар хидматат шамшер бандем.
Наёбӣ ҳеҷ қадре то ки ӯ ҳаст,
Наёбад қатра қадр, он ҷо ки ҷӯ ҳаст.
Чу бошад меҳр, маҳ беқадр бошад,
Кӣ бошад муштарӣ, то бадр бошад?
Зиреҳ барбанд тифли бебасарро,
Ки хун резад ба теғи кин падарро.
Даромад бехабар дар пеши Парвез,
Ниҳон дар остинаш ханҷари тез.
Қазоро буд Хусрав масту беҳӯш,
Ба хоби ноз Ширинро дар оғӯш.
Чу он девонаи бадхӯ маҳал ёфт.
Кашид он ханҷару паҳлуш бишкофт.
Дарид он номаро чун он ҷаҳонсӯз,
Аз оташпора шуд ишкам ҳамон рӯз.
Басе он турфа кори булаҷаб буд,
Зи мӯъҷазхон сархайли араб буд!

Аз он ҳолат нигорин гашт огоҳ,
Қашид он моҳ беҳад аз ҷигар оҳ.
Зи сар меъҷар кашиду мӯй бикшод,
Ба панҷа мӯю меъҷар дод бар бод.
Ниҳон шуд дар сиёҳӣ он шакарлаб,
Ҷаҳони дилбариро рӯз шуд шаб.
Баёзи дида ашки ноб медод,
Ҳароратдидаро барфоб медод.
Гиребон медариду оҳ мезад,
Тапонча бар рухи чун моҳ мезад.
Чакидаш хуни гарм аз чашм ҳар дам,
Шуд оҳуяш кабоб аз оташи ғам.
Занахдонро ба нохун кард пурхун,
Ки созад себи нахли ёр гулгун.
Буридӣ анбарингесӯи пурхам,
Шудӣ умри дарози оламе кам.
Ба зорӣ гуфт, к-эй гардуни хунрез,
Чӣ кардӣ оқибат бо шоҳ — Парвез.
Маро кардӣ ба коми душман охир,
Туро раҳме наёмад бар ман охир.
Шавад гар лаҳзае кас шод аз ту,
Қашад умре зи бас бедод аз ту.
Задӣ бар сар, ки оҳ аз марги ногоҳ,
Ғами дил бо кӣ гӯям войвайлоҳ.
Даровардат аҷал, эй дӯст аз пой,
Ба коми душманон чун бинамат, вой!
Сиришк аз ёди оҳ он нозанин рехт,
Зи нахлаш меваи тар бар замин рехт.
Сарони хайл пироҳан дариданд,
Думу ёли сутуронро буриданд.
Халоиқ ҷомаҳо бар тан зада чок,
Ба сӯи хок бурдандаш шағабнок.
Баромад нолаву оҳ аз чапу рост,
Зи марду зан ғиреву наъра бархост.

Намад дар гардан он мушкингулола,
Ки дида он чунон моҳе зи ҳола?
Гаҳе дар пои тобуташ задӣ даст,
Гаҳе рухсора аз нохун ҳамехаст.
Зи хоки тира маскан сохтандаш,
Ҳарамҷо аз лаҳад пардохтандаш.
Чу кард он нозанин бо оҳу нолиш,
Зи хокаш бистару аз хишт болиш!
Пас он гаҳ гуфт дилдори вафоҷӯй,
Ки хоҳам бори дигар бинамаш рӯй.
Зи шавқи васли моҳи анбаринхол
Дарун омад ба он сардоба хушҳол.
Кафан аз рӯи ӯ бикшод он хур,
Зи пеши моҳ лахте абр шуд дур.
Бимолидаш замоне рӯй бар рӯй,
Ба зорӣ гуфт, к-эй ғамхори дилҷӯй,
Чунин зери кафан қадде кӣ дида?
Шукуфа карда ин нахли бурида.
Дареғо з-ин қаду боло, дареғо!
Дареғо з-ин рухи зебо, дареғо!
Дареғо з-ин ду раста дурри сероб,
Дареғо з-ин ду мушкинҷаъди пуртоб.
Дареғо з-ин ду чашми масту худком,
Зи дидан монд ҳамчун чашми бодом.
Дареғо, к-ин дахони хуштабассум,
Чу писта лаб фурӯ баст аз такаллум.
Куҷо шуд, ё раб, он ҷоҳу ҷалолат,
Куҷо шуд, ё раб, он ҳусну ҷамолат?
Куҷо шуд, ё раб, он човушу ҳоҷиб?
Куҷо шуд, ё раб, он дарбону ноиб?
Туро, эй сарвқадди гулъизорам,
Дар ин зиндон чӣ сон танҳо гузорам?
Дар ин даҳлези бебуньёди фонӣ
Ҳаромам бод бе ту зиндагонӣ!

Ҳамон беҳтар, ки бар поят ниҳам сар,
В-аз он сар барнадорам то ба маҳшар.
Ниҳон заҳри ҳалоҳил дошт он моҳ,
Ба қасди қатли худ оварда ҳамроҳ.
Чу з-он афганд лахте дар даҳонаш,
Бурун омад зи тан филҳол ҷонаш.
Таолаллаҳ зиҳӣ ин ишқбозӣ,
Кӣ дида ин чунин ишқи маҷозӣ?
Зиҳӣ он дилбару ёри вафокеш,
Ки ҷон додӣ зи меҳри ошиқи хеш.
Шуданд огоҳ чун аз сирри он кор,
Баромад наъра аз мардум ба як бор.
Салоҳи кор пирони хирадманд
Чунин диданд, к-он шӯхи шакарханд
Бувад дар як лаҳад бо шавҳари хеш,
Шавад ҳамхобаи ёри вафокеш.
Сиришк аз дида резон марду занро,
Ба як ҷо дафн карданд он ду танро.
Ба сад ҳасрат бурун рафтанд аз ин боғ,
Чу лола бар дили андӯҳгин доғ.
Наёяд кас дар ин фирӯзаманзар,
Ки нанҳад маргаш охир рахт бар дар.
Чи хуш гуфтаст он шайхи гиромӣ,
Сари донишварон — яъне Низомӣ:
«Агар сад сол монӣ, дар яке рӯз
Бибояд рафт аз ин кохи дилафрӯз.
Зи рафъат гар ниҳӣ бар осмон пой,
Бувад зери заминат оқибат ҷой».[1]
Сарат гар болиши маҳ карда болин,
Ки охир косае гардад сафолин.
Машав дар банди молу қайди фарзанд,
Ки баҳри ранҷат ин қайдисту он банд.

[1] Ин байтҳо аз «Хусрав ва Ширин»-и Низомист.

Азое ҳар арўсирост дар пай,
Зи пай ҳар навбаҳореро бувад дай.
Гуле ханда назад бар тарфи гулзор,
Ки н-омад аз гулобаш гирьяи зор.
Насозад осмон гаҳвораи кас,
Ки тобуташ насозад низ аз пас.
Нарўяд сабзае аз бўстоне,
Ки осебе набинад аз хазоне.
Чу хоҳӣ рафтан аз дуньё тиҳидаст,
Чаро кардӣ ба қайди мол побаст?
Машав баҳри фазои хона ранҷур,
Ки гардад хонаат охир дигар гўр.
Машав дар зинати айвон ҳаваснок,
Ки ҷуз лавҳат намонад бар сари хок.
Макун аз оҷ дарҳои саро соз,
Ки монад аз ту дар гўр оқибат боз.
Чӣ созӣ баҳри фарши санг найранг
Ки монад бар сари гўр охир он санг?...

## ЛУҒАТ ВА ТАВЗЕҲОТ

**Аб** — падар, бобо.

**Адим-ул-мисл** — бемисл, бемонанд, беназир, беҳамто.

**Айтом** — ҷамъи ятим — ятимҳо.

**Аксун** — як навъ порчаи абрешими сиёҳранг.

**Аморӣ** — маҳмиле, ки бар пушти фил ё шутур мебанданд ва дар он менишинанд, каҷова, тахти равон.

**Асфал** — поинтар, пасттар.

**Аъмол** — ҷамъи амал — амалҳо-фаъолият, кору кирдор, феъл.

**Ақаба** (ақба) — ағба, кӯҳтал, гарданаи кӯҳ.

**Балбалат** — кӯзаи шароб.

**Банно** — бинокор.

**Бардаъ** — номи яке аз вилоятҳои Хуросон.

**Бару ту** — даруну берун.

**Башир** — башоратдиҳанда, муждарасон; хубрӯй.

**Боистанӣ** — коре, ки иҷро шуданаш лозим ва зарур аст.

**Бурқаъ** — чашмбанд, пардаи рӯпӯши занон, парда.

**Гулола** — мӯи бофташуда, мӯи печида, зулф, кокул.

**Даввор** — давргарданда, чархзананда.

**Дайҷур** — торикӣ, сиёҳӣ, торикии шаб.

**Дастур** — вазир.

**Дебо** — порчаи нафиси абрешимии қиматбаҳо, ҳарир.

**Дуранг** — дурӯя, мунофиқ, беқарорӣ.

**Зил** — соя.

**Исмат** — покдомонӣ, бегуноҳӣ; бекаронӣ.

**Қамоҳӣ** — ҳамчунон, ки ҳаст, ҳақиқат.

**Лиллаҳ** — ул-ҳамд — сано бод ба Худо.

**Мавкиб** (мавкаб) — гурӯҳи савора ва ё пиёдаи хоссаи шоҳ.

**Мазоқ** — маҳалли қуввати зоиқа, ки кому забон аст.

**Мамар** — гузаргоҳ, гузар; восита, тариқ, хусус, бобат, дар ин бора.

**Ман** — ченаки вазн, ки дар ҷойҳои мухталиф гуногун будааст, дар баъзе ҷойҳо 3 пуд, дар ҷои дигар баробари се кило аст.

**Марезод** — яъне дар лағзиш мабод.

**Мафраш** — чизи густурданӣ ҳамчун палос, шол, намад ва ғайра.

**Маҳаффат** — каҷова, ҳавдаҷ, тахти равон.

**Меъҷар** — рӯпӯш, чашмбанди занон.

**Миғфар** — кулоҳи оҳанине, ки рӯзи ҷанг мепӯшанд.

**Мои маин** — оби тоза, оби соф.

**Муаббир** — таъбиркунанда.

**Мудаққиқ** — дақиққунанда, тадқиққунанда.

**Музолим** — ҷамъи мазаллат, ситамҳо.

**Муназзаҳ** — покиза кардашуда; пок, нағз, хушу хуррам.

**Муфоҷо** — ҳамлаи ногаҳонӣ.

**Муштарӣ** — номи бузургтарин сайёраи осмон, Юпитер.

**Насри тоир** — номи ситораи ат-Тоир.

**Обнӯс** — дарахтест сиёҳранг, ки дар сохтани чизҳои зебои қиматбаҳо ба кор меравад ва дар вақти сӯхтан монанди ӯд бӯи хуше медиҳад.

**Обӣ** — биҳӣ.

**Омоҷ** — нишонгоҳи тир.

**Оҷ** — устухони фил, дандони фил.

**Пайғула** (байғӯла) — гӯша, кунҷ.

**Раъша** — ларзиш, беморие, ки дасту поро ба ларза меорад.

**Рев** — фиреб, найранг, ҳила.

**Сақил** — вазнин, гарон.

**Сидра** — дарахти баланди сӯзанбарг, монанд ба коҷ.

**Сухо** — ситораи бисьёр хӯрд, ки дар паҳлӯи Ҳафт Додарон меистад.

**Таковар** — тезрав, тундрафтор, даванд.

**Тамғо** — тамға, мӯҳр, нишона.

**Тароз** (тироз) — зинат, нақшу нигор, нақшу нигори ҷома.

**Тафаҳҳус** — кофтуков, ҷустуҷӯ.

**Тахмир** — хамир кардан, сириштан.

**Тақсир** — гуноҳ, айб; кӯтоҳӣ.

**Теху** — паррандае, ки ба кабк монанд аст.

**Унноб** — челон.

**Устурлоб** — асбобе, ки ба воситаи он дар расадхонаҳо гардиши ситораҳоро мушоҳида мекунанд ва меомӯзанд.

**Уштурак** — мавҷи дарьё; дуди хона.

**Фоиқ** — болотар, бартар, беҳтар, афзалтар.

**Хазаф** — сафол, сафолпора.

**Халхол** — ҳалқаи тилло ва ё нуқра, ки занон барои зинат дар пой мебанданд.

**Хиффат** — сабукӣ, камвазнӣ.

**Хозин** — хазинадор.

**Хӯд** — кулоҳи оҳанин.

**Човуш** — пешрави корвон, пешоҳанги лашкар.

**Шағаб** — мағал, шӯру ғавғо, овози ғулғуладор.

**Шақ** — чок, пора, нима, шикоф.

Эзад (эзид) — худо, яздон.

**Юмн** — бахт, толеъ, иқбол, некбахт.

**Қаввол** — қавлдиҳанда, гӯянда, хушгап.

Ҳассон-бинни Собит — Абӯлвалид Хассон ибнни Собит аз шоирони мадеҳасарои давраи исломии араб буда, соли вафоташ 674 милодӣ мебошад.

**Ҳаюн** — шутури тезрав.

**Ҳаҷҷом** — хунгир, хунгиранда, ҷарроҳ; сартарош.

**Ҳумро** — сурх.

**Ҷад** — бобо.

**Ҷаъз** — об, мавҷи об.

**Ҷиҳоз** — асбобу анҷоми хона, асбоби ороиш.

**Ҷуал** — кунғузак.

**Ҷуллоб** — (гулоб) — шарбат.

# МУНДАРИЧА

САРСУХАН . . . . . . . . . . 3
Дар сабаби назми китоб . . . . . . . . 8
Огози достон . . . . . . . . . . . . 18
Луғат ва тавзеҳот . . . . . . . . . . 112